Маблағгузории Иттиҳоди Аврупо

PRI INSIDER SON

BHR Идораи ҳуқуқи Инсон ва Риояи Қонуният
Bureau of Human Rights and Rule of Law
Бюро по правам человека и соблюдению законности

TASHABBUSI HUQUQI

РОҲНАМО

МОНИТОРИНГИ ҶОЙҲОИ МАҲРУМ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ

МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ (ҲАБС ТО МУРОФИАИ СУДӢ ВА ПАС АЗ БАРОВАРДАНИ ҲУКМ)

Ин ҳуҷҷат дар доираи лоиҳаи «Пешбурди ҳуқуқҳои бунёдӣ: тақвияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, пешгирии шиканҷа ва табдили зиндонҳо бо риояи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад, таҳия гардидааст.

Масъулияти пурраи муҳтавои ин ҳуҷҷат бар дӯши созмони «Prison Insider» аст ва онро ҳеҷ гоҳ наметавон ҳамчун ифодакунандаи мавқеи Иттиҳоди Аврупо арзёбӣ кард.

МУҚАДДИМА

Ин ҳуҷҷати роҳнамо шарҳи мухтасари стандартҳои байналмилалии нигоҳдорӣ дар ҳабсро дар бар мегирад ва саволҳои намунавиро барои мусоидат ба мониторинги муассисаҳои маҳрумият аз озодӣ пешниҳод менамояд. Он ҳам нигоҳдорӣ дар ҳабс то мурофиаи судӣ* ва ҳам пас аз онро фаро мегирад.

Мундариҷа дар асоси панҷ самти асосӣ тартиб дода шудааст:

1. **Шароити моддӣ** – аз ҷумла ғизо, шароити хоб ва гигиена;
2. **Кумаки тиббӣ** – аз ҷумла дастрасӣ ба кумаки тиббӣ;
3. **Ҳимоя** – таъмини дахлнопазирии равонӣ ва ҷисмонӣ;
4. **Фаъолият** – дастрасӣ ба кор, таҳсил, фароғат ва фаъолияти маънавӣ;
5. **Робитаҳо** – нигоҳ доштани робитаҳо бо ҷаҳони беруна.

Ҳар як самт ба зерсамтҳо ҷудо шуда, барои дарки ҳамаҷонибаи ҳамаи стандартҳои дахлдор тавзеҳоти муфассал пешниҳод мегардад. Барои ҳар як зерсамт шарҳи мухтасари стандартҳои дахлдори байналмилалӣ бо саволҳое пурра карда шудааст, ки ба арзёбии риояи ин стандартҳо равона шудаанд.

Ин шарҳҳо ба санадҳои асосии байналмилалӣ такя мекунанд, ки стандартҳои ҳадди ақали муносибат бо шахсони дар ҳабс қарордоштаро муайян менамоянд. Ба онҳо, аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Тавзеҳи умумии № 35-и Кумитаи ҳуқуқи инсон доир ба моддаи 9, Маҷмӯи принсипҳои ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки таҳти ҳар гуна шакли боздошт ё маҳрумият аз озодӣ қарор доранд, «Қоидаҳои Нелсон Мандела», «Қоидаҳои Бангкок», «Қоидаҳои Пекин» ва Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид доир ба ҳимояи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда дохил мешаванд. Ин рӯйхат маҳдуд ба санадҳои зикршуда нест.
Ин ҳуҷҷати роҳнамо инчунин ба маҷмӯаҳои воситаҳо, дастурҳои амалӣ ва маводи иттилоотии ташкилотҳои дорои таҷриба ва дониши дахлдор, аз ҷумла Ассотсиатсияи пешгирии шиканҷа (АПШ) ва созмони «Ислоҳоти байналмилалии низоми ҷазои ҷиноятӣ» (PRI), такя мекунад.
Дар замима стандартҳои дахлдори байналмилалӣ барои ҳар як зерсамт ба таври муфассал оварда шудаанд. Сохтори он ба ҳуҷҷати роҳнамо мувофиқ буда, имкон медиҳад, ки бевосита ба стандартҳое муроҷиат карда шавад, ки шарҳи мухтасари ҳар як самт бар онҳо асос ёфтааст.
Созмони Prison Insider бо такя ба таҷрибаи васеи ҳамкорӣ бо ҷонибҳои гуногуни манфиатдор дар саросари ҷаҳон бобҳои ин ҳуҷҷати роҳнаморо бо саволҳои мақсаднок пурра намудааст. Ин саволҳо ба арзёбии мутобиқати шароити нигоҳдорӣ дар муассисаи маҳрумият аз озодии мавриди боздид ба стандартҳои байналмилалии нигоҳдорӣ дар ҳабс мусоидат мекунанд.

Созмони "Prison Insider" дар ҳамкорӣ бо Шӯрои Аврупо маҷмӯи дастурҳоро доир ба таҷрибаҳои пешқадами механизмҳои миллии пешгирӣ, инчунин маҷмӯи дастурҳои амалиро барои гузаронидани мусоҳибаҳо ҳангоми мониторинги муассисаҳои ислоҳӣ таҳия намудааст.

Ин маҷмӯи дастурҳо ҳамчун воситаи амалӣ тарҳрезӣ шудааст ва даъвои фарогирии ҳамаҷонибаро надорад.

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА **2**

МУНДАРИҶА **3**

ОБ ВА ҒИЗО 4
ҶОЙГИРШАВӢ 5
ГИГИЕНА 7

ЁРИИ ТИББӢ **9**

ТАДБИРҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДА 9
ВАЗЪИ УМУМИИ САЛОМАТӢ 11
СОЛИМИИ РАВОНӢ ВА ЁРИИ ДАНДОНПИЗИШКӢ 13
НИГОҲУБИНИ ШАХСОНИ ДОРОИ НИЁЗҲОИ МАХСУС 15
ПАЙДАРҲАМИИ ЁРИИ ТИББӢ 16

ТАЪМИНИ ҲИМОЯ **17**

КАФОЛАТҲОИ ҲУҚУҚӢ 17
МАВҶУДИЯТИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ПЕШГИРИКУНАНДА 20
САМАРАНОКИИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ПЕШГИРИКУНАНДА 23
МЕХАНИЗМҲОИ ШИКОЯТ ВА САНҶИШ 25

НИГОҲ ДОШТАНИ ФАЪОЛНОКӢ **28**

Меҳнат 28
Омӯзиш ва таълим 30
ФАЪОЛИЯТИ ФАРҲАНГӢ, ВАРЗИШӢ ВА МАЪНАВӢ 31

ДАР РОБИТА БУДАН **32**

РОБИТА БО НАЗДИКОН 32
РОБИТА БО ҶОМЕА 37

ШАРОИТИ МОДДӢ

ОБ ВА ҒИЗО

Шарҳи мухтасари стандартҳо (*барои истиноди пурра ба замима нигаред*)
Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҳар вақт, ки зарурат пеш ояд, ба оби нӯшокӣ дастрасии доимӣ ва кофӣ доранд. Маъмурияти муассисаи ислоҳӣ ғизоеро таъмин менамояд, ки талаботи организмро аз ҷиҳати миқдор ва сифат қонеъ мегардонад. Хӯрок дар соатҳои барои маҳалли мазкур маъмул пешниҳод шуда, ба таври хуб омода ва муносиб тақдим карда мешавад.

САВОЛҲО

- Оё маъмурияти муассиса ҳар як шахси аз озодӣ маҳрумшударо бо об ва ғизо таъмин менамояд?
- Хӯрок дар кадом вақт пешниҳод карда мешавад? Оё ин вақт ба вақти маъмули хӯрокхӯрӣ дар кишвар мувофиқат мекунад?
- Дар як рӯз чанд маротиба хӯрок дода мешавад? Хӯрокро шарҳ диҳед. Оё он талаботи организмро аз ҷиҳати миқдор ва сифат қонеъ мегардонад?
- Оё шахсоне, ки ба парҳези махсус ниёз доранд (бо нишондодҳои тиббӣ, бо назардошти эътиқоди динӣ ва ғайра), бо ғизои мувофиқ таъмин карда мешаванд?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ва ҷавонон, шахсоне, ки то баргузории мурофиаи судӣ таҳти ҳабс қарор доранд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

ҶОЙГИРШАВӢ

Фазо

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Ҷойҳои хоб бояд риояи принсипҳои дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва бехатариро таъмин намоянд. Ҳар як шахс бояд дар камераи алоҳида хоб кунад. Ин принсип бояд бо назардошти шароити маҳаллӣ ва фарҳангӣ татбиқ карда шавад. Дар ҳолати зарурат ҷойгиршавии умумӣ (дастаҷамъона) метавонад истифода шавад. Дар чунин ҳолатҳо шахсоне, ки якҷо ҷойгир карда мешаванд, бояд бодиққат интихоб гарданд, то мутобиқати онҳо барои якҷо зиндагӣ кардан дар чунин шароит таъмин карда шавад. Агар бо сабабҳои махсус, ба монанди муваққатан аз ҳад зиёд пур шудани муассиса, маъмурият маҷбур шавад аз ин қоида истисно кунад, ҷойгир намудани ду нафар дар як камера ё ҳуҷра номатлуб мебошад.
Барои маълумот: Кумитаи аврупоӣ доир ба пешгирии шиканҷа (КАПШ) стандарти ҳадди ақалли зерини фазои шахсии зистро дар муассисаҳои ислоҳӣ муқаррар менамояд:
- 6 м² масоҳати зист дар камераи якнафара + воҳиди санитарӣ;
- 4 м² масоҳати зист барои ҳар як нафар дар камераи чанднафара + воҳиди санитарии пурра ҷудокардашуда;
- на кам аз 2 метр байни деворҳои камера;
- на кам аз 2.5 метр байни фарш ва сақфи камера.

Шароити хоб

Шарҳи мухтасари стандартҳо (барои истиноди пурра ба замима нигаред)
Ҳамаи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо ҷойи хоби алоҳида ва лавозимоти мувофиқи бистар, ки ба шароити иқлимӣ ва стандартҳои маҳаллӣ мутобиқанд, таъмин карда мешаванд. Лавозимоти бистар дар ҳолати хуб нигоҳ дошта шуда, барои таъмини тозагии онҳо ба қадри кофӣ мунтазам иваз карда мешаванд. Равшании сунъӣ набояд дар ҷойҳои хоб шабонарӯзӣ фурӯзон бошад. Он бояд ба ивазшавии шабу рӯз мутобиқ буда, ба маҳкумшудаон имкон диҳад, ки бе равшании сунъӣ хоб кунанд.

ҲОЛАТИ КАМЕРАҲО

Шарҳи мухтасари стандартҳо ***(барои истиноди пурра ба замима нигаред)***

Ҳуҷраҳо тоза ва дар ҳолати зарурии техникӣ нигоҳ дошта мешаванд. Онҳо бояд коршоям бошанд ва ба тамоми талаботи санитарӣ, гигиенӣ ва бехатарӣ ҷавобгӯ бошанд. Ҳуҷраҳо бо низоми бонги изтироб муҷаҳҳаз карда мешаванд, ки ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда имконият медиҳад кумак даъват намоянд.

Барои маҳкумшудаон тирезаҳои андозаашон кофӣ пешбинӣ карда мешаванд, то онҳо тавонанд дар равшании табиӣ мутолиа ё кор кунанд. Инчунин барои мутолиа ё кор бидуни зарар ба биноии онҳо равшании сунъии кофӣ таъмин карда мешавад.

Сохтори тирезаҳо бояд воридшавии ҳавои тозаро таъмин намояд. Реҷаи ҳарорат бояд ба шароити иқлимӣ мувофиқ бошад. Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо низомҳои коршоями гармидиҳӣ ва/ё ҳавотозакунӣ таъмин карда мешаванд.

САВОЛҲО

- Камераҳо умумӣ (дастаҷамъӣ) ҳастанд ё инфиродӣ? Дар ҳар камера чанд нафар нигоҳ дошта мешавад? Онҳо дар як шабонарӯз чанд соатро дар камера мегузаронанд? Оё хӯрок дар дохили камераҳо истеъмол карда мешавад?
- Масоҳати дастрас дар ҳар як камераи умумӣ ва инфиродӣ чӣ қадар аст? (нишондиҳандаи миёнаро бо метри мураббаъ, бе назардошти воҳидҳои санитарӣ, арзёбӣ намоед)
- Оё воҳидҳои санитарӣ дар дохили камераҳо ҷойгиранд?
- Оё ҳар як маҳкумшуда дар кати алоҳидае мехобад, ки аз чорчӯба, матрас ва лавозимоти бистари ба ҳарорат мувофиқ иборат аст? Онҳо дар чӣ ҳолат қарор доранд? (дараҷаи фарсудашавӣ ва тозагӣ)
- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда чанд вақт як маротиба метавонанд лавозимоти бистарро бишӯянд? Оё низоми мутамаркази ҷомашӯӣ мавҷуд аст ё онҳо бояд хароҷотро пардохт карда, онро мустақилона бишӯянд?
- Оё камера барои таъмини равшании рӯзона ва ҳавои тоза бо тирезаи андозааш кофӣ муҷаҳҳаз аст?
- Ҳарорати камера дар фаслҳои гуногуни сол чӣ гуна аст? Оё барои нигоҳ доштани ҳарорати муносиб низоми коршоями ҳавотозакунӣ ва гармидиҳӣ мавҷуд аст?
- Оё дар дохили камера низоми бонги изтироб мавҷуд аст, то шахсони аз озодӣ маҳрумшуда тавонанд кумак даъват намоянд?
- Оё шабона чароғ хомӯш карда мешавад, то шахсони аз озодӣ маҳрумшуда истироҳат карда тавонанд? (Ба шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё назорати махсус қарор доранд, диққати махсус диҳед: оё нисбат ба онҳо санҷишҳои мунтазам гузаронида мешаванд, ки хобро бо роҳи фурӯзон кардани чароғ ё талаб намудани ҳаракат кардан ё сухан гуфтани шахсони аз озодӣ маҳрумшуда , аз ҷумла шабона, халалдор мекунанд? Агар ҳа, бо кадом даврият?)
- Шароити моддию маишии камераҳоро шарҳ диҳед: мебел, тозагӣ, осебҳо/фарсудагӣ ва ғайра.
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то баргузории муроfиаи судӣ таҳти ҳабс қарор доранд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

ГИГИЕНА

Воҳидҳои санитарӣ-гигиенӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар ҳар вақт ба воҳидҳои санитарӣ-гигиенӣ дастрасӣ доранд. Ин воҳидҳо дар дохили камера ё дар наздикии бевоситаи он ҷойгир шудаанд. Ба онҳо дастрасӣ ба душ ва ҳаммом таъмин карда мешавад. Ин дастрасӣ мунтазам ва кофӣ мебошад. Захираи кофии об бо ҳарорати ба иқлим мувофиқ таъмин карда мешавад. Оби пешниҳодшаванда тоза мебошад.

Гигиенаи шахсӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Воҳидҳои санитарӣ тоза ва муносиб мебошанд. Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо лавозимоти зарурии беҳдоштӣ барои нигоҳ доштани саломатӣ ва тозагӣ (аз ҷумла собун, коғази ташноб, лавозимоти риштарошӣ, маводи гигиении занона ва шона) таъмин карда мешаванд. Барои нигоҳубини муносиби мӯй ва риш шароит фароҳам оварда мешавад.

Либос

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба либосе дастрасӣ доранд, ки ба иқлим мувофиқ буда, барои ҳифзи саломатии онҳо кофӣ мебошад (либоси аз ҷониби маъмурият пешниҳодшуда ё либоси шахсӣ). Либосе, ки маъмурият пешниҳод менамояд, набояд ба ҳеҷ ваҷҳ хусусияти таҳқиромез ё тавҳиномез дошта бошад. Либоси маҳкумшудаон вобаста ба зарурат шуста мешавад.

САВОЛҲО

- Воҳидҳои санитарӣ-гигиенӣ (душҳо, ташнобҳо, дастшӯякҳо ва ғайра) дар куҷо ҷойгиранд? Дастрасӣ ба онҳо инфиродӣ аст ё умумӣ?
- Агар онҳо берун аз камераҳо ҷойгир бошанд, шахсони аз озодӣ маҳрумшуда рӯзона чӣ гуна ба онҳо дастрасӣ пайдо мекунанд? Шабона чӣ гуна? (иҷозат, басомади дастрасӣ ва ғайра)
- Ҳолати воҳидҳои санитариро шарҳ диҳед: таҷҳизот, тозагӣ, осебҳо ва ғайра.
- Оё таъминоти об кофӣ аст? Оё об тоза буда, ҳарорати он ба шароити иқлимӣ мувофиқат мекунад?
- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонанд дар шароити махфият ва танҳоӣ душ гиранд ва аз ташноб истифода баранд?
- Лавозимоти беҳдоштиеро, ки маъмурият пешниҳод менамояд, тавсиф кунед. Миқдор ва мунтазамии додани онҳоро нишон диҳед (собун, коғази ташноб, лавозимоти риштарошӣ, маводи гигиении занона, шона ё дигар ашёи дахлдор). Оё онҳо ба миқдори кофӣ пешниҳод карда мешаванд? Оё шахсони дорои ниёзҳои махсус ба таври зарурӣ таъмин мегарданд? (занон, кӯдакон*, шахсони солхӯрда ва ғайра)

- Агар шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бинобар норасоии ашё ё барои гирифтани маҳсулоти босифаттар маҷбур шаванд онҳоро харидорӣ намоянд, нархҳо ва намудҳои молҳоеро тавсиф кунед, ки онҳо метавонанд аз мағозаҳои (буфетҳои) муассисаи ислоҳӣ харидорӣ кунанд. Вазъи молиявии шахсони аз озодӣ маҳрумшударо ба назар гиред: оё имконияти харидани чунин молҳо барои онҳо душвор аст?
- Оё маъмурият шахсони аз озодӣ маҳрумшударо бо либоси ба иқлим мувофиқ таъмин менамояд? Оё либос шаъну шарафи онҳоро эҳтиром мекунад? (набудани рангҳои таҳқиромез ё дигар нишонаҳои беэҳтиромӣ)
- Агар не, шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо кадом роҳ бо либос таъмин карда мешаванд (ташкилотҳои маҳаллии ғайритиҷоратӣ, наздикон* ва ғайра)?
- Оё барои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда низоми шустани либос вуҷуд дорад? Агар ҳа, тарзи фаъолияти онро шарҳ диҳед. Агар не, тавсиф кунед, ки онҳо чӣ гуна либосҳои худро мустақилона мешӯянд (таъмин бо маводи шустушӯй, таҷҳизот барои шустан ва хушккунӣ ва ғайра).
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то баргузории мурофиаи судӣ таҳти ҳабс қарор доранд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

ЁРИИ ТИББӢ

ТАДБИРҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДА

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)* Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* ҳарчи зудтар пас аз ворид шудан аз ҷониби духтур ё дигар корманди тиббии соҳибихтисос муоина карда мешаванд. Муоинаи тиббӣ ҳамаҷониба мебошад. Аз ҷумла, он имкон медиҳад, ки ҳама гуна нишонаҳои фишори равонӣ ё дигар навъи стресс, инчунин ҳама гуна муносибати бераҳмона ё зӯроварии ҷинсие, ки онҳо то ворид шудан дучор шуда метавонистанд, ошкор карда шаванд. Кормандони тиббӣ дар бораи ҳар гуна нишонаҳои ошкоршудаи шиканҷа* ё муносибати бераҳмона дар гузориши махфие, ки барои маҳкумшуда* дастрас аст, хабар медиҳанд. Ҳамаи муоинаҳои тиббӣ бо риояи принсипи махфият гузаронида мешаванд. Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба барномаҳои иттилоотонӣ ва маърифатнокӣ дар соҳаи тандурустӣ, ки аз ҷониби кормандони тиббии соҳибихтисос ё кормандони омӯзонидашудаи муассиса гузаронида мешаванд, дастрасӣ доранд. Ҳангоми ворид шудан ва мунтазам дар давраи нигоҳдорӣ ба шахсон хизматрасониҳои ташхисӣ* барои бемориҳои сироятӣ ва скринингӣ* пешниҳод карда мешаванд, ки онҳоро кормандони тиббии соҳибихтисос ё кормандони омӯзонидашуда анҷом медиҳанд. Маълумот дар бораи натиҷаҳои ташхис* ва скрининг* ба ҳуҷҷатҳое, ки барои кормандони муассиса дастрасанд, ворид карда намешавад. Ошкор намудани чунин маълумот танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки мутахассисони тиббӣ онро мутобиқи одоби тиббӣ барои ҳифзи саломатӣ ва бехатарии ҳам шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва ҳам кормандон зарур эътироф намоянд. Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба воситаҳои коҳиш додани хатари сироятёбӣ дастрасии бемаҳдуд доранд. Ин дастрасӣ бо риояи принсипи махфият таъмин карда мешавад. Шахсони гирифтори бемориҳои сироятӣ метавонанд бо нишондодҳои клиникӣ дар ҳуҷраҳои махсус ҷудо нигоҳ дошта шаванд. Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба барномаҳои эмгузаронӣ (ваксинатсия), ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ташкил карда мешаванд, дастрасӣ доранд. Ин барномаҳо ба бемориҳое мутобиқ карда шудаанд, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва дар ҷомеа дар маҷмӯъ паҳн шудаанд.

САВОЛҲО

Муоина ҳангоми ворид шудан:

- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҳангоми ворид шудан аз муоина мегузаранд?
- Тахассуси шахсоне, ки муоина мегузаронанд, чӣ гуна аст (ҳамшираи тиббӣ, духтур, корманди амалии тиббӣ ва ғайра)?
- Оё ҳангоми ворид шудан дар гузаронидани муоинаи аввалияи тиббӣ таъхир вуҷуд дорад?
- Оё маълумот дар бораи зӯроварии равонӣ, ҷисмонӣ ё ҳама гуна муносибати дигари бераҳмона ва шиканҷа* то давраи нигоҳдорӣ ё дар давоми он сабт карда мешавад?
- Оё муоинаҳои тиббӣ дар тамоми давраи нигоҳдорӣ мунтазам гузаронида мешаванд?
- Оё қобилияти шахсон барои иштирок дар чорабиниҳои ҷисмонӣ, машқҳо ё кор арзёбӣ карда мешавад ва бо кадом тарз?
- Оё ҳузури кормандони муассиса ҳангоми муоинаи тиббӣ манъ аст?
- Оё ҳамаи муоинаҳои тиббӣ дар шароити танҳоӣ ва махфият гузаронида мешаванд?

Вобаста ба сабти маълумоти тиббӣ ба фасли «Пайдарҳамии ёрии тиббӣ» дар поён нигаред.

- Оё ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда хизматрасониҳои ташхисӣ* барои бемориҳои сироятӣ ва скринингӣ* (барои сил, вируси норасоии масунияти одам, гепатитҳо ва ғайра) пешниҳод карда мешаванд? Агар ҳа, талаботи гирифтани онҳо ва басомади гузарониданашонро шарҳ диҳед.
- Оё натиҷаҳо ба шахсони аз озодӣ маҳрумшудаи дахлдор ба таври махфӣ хабар дода мешаванд? Оё кормандони тиббӣ вобаста ба натиҷаҳо ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда тавсия ва машварат медиҳанд?
- Барномаҳои амалишавандаи иттилоотонӣ доир ба саломатиро шарҳ диҳед (навъ ва тахассуси кормандони иҷрокунанда, шахсони баҳрабаранда, ҷойҳо, мавод ва махфият).
- Оё онҳо ба ниёзҳо, сатҳи фарҳангӣ ва таҳсилотии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда мутобиқ карда шудаанд? Забонҳоеро, ки барномаҳо бо онҳо гузаронида мешаванд, номбар кунед ва нишон диҳед, ки оё онҳо ба забонҳои дар муассиса бештар истифодашаванда мувофиқат мекунанд.
- Дар муассиса кадом бемориҳо бештар паҳн шудаанд? Кадом барномаҳои эмгузаронӣ гузаронида мешаванд ва кӣ дар муассиса ба онҳо дастрасӣ дорад? Оё ваксинаҳо ба бемориҳои дар муассиса бештар паҳншуда мувофиқат мекунанд?
- Оё дар таъмини чораҳои дар боло зикршуда камбудиҳо мавҷуданд? (маърифатнокӣ дар соҳаи саломатӣ, эмгузаронӣ, муоинаи пурраи тиббӣ) Агар ҳа, моҳияти камбудиҳоро шарҳ дода, сабабҳои эҳтимолиро нишон диҳед (норасоии кормандон, нопурра будани барномаҳо, номунтазамии муоинаҳо ва ғайра).
- Воситаҳои пешгирикунандаеро, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба онҳо дастрасӣ доранд, номбар кунед (рифолаҳо, маводи молиданӣ, таҷҳизоти безараргардонидашудаи тазриқӣ (дар доираи барномаҳои махсус), қайчӣ, риштарошҳо, чӯткаҳои дандоншӯӣ, мавод барои холкӯбӣ ва безараргардонӣ ва ғайра). Тартиби дастрасиро шарҳ диҳед (расмиёт ва талаботи гирифтани онҳо, миқдор, махфият ва ғайра).
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то баргузории мурофиаи судӣ таҳти ҳабс қарор доранд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

ВАЗЪИ УМУМИИ САЛОМАТӢ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*

Дастрасӣ ба ёрии умумии тиббӣ

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* метавонанд зуд-зуд ва мунтазам ёрии тиббӣ гиранд. Дар ҳолатҳои фавқулода дастрасӣ фавран таъмин карда мешавад. Ёрии тиббӣ тавре расонида мешавад, ки дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва шаъну шарафи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда таъмин гардад. Принсипи махфият риоя карда мешавад.

Инфрасохтори ёрии умумии тиббӣ

Муассисаҳои тиббӣ бо шумораи кофии кормандон, таҷҳизот ва дорувории таъмин мебошанд. Онҳо тоза нигоҳ дошта шуда, пӯшида мебошанд, то кормандони тиббӣ муоинаҳоро дар шароити махфияти комил гузаронида тавонанд. Вақте ки маҳкумшуда ба табобати махсус ё ҷарроҳӣ ниёз дорад, ӯро ба муассисаҳои махсус ё беморхонаҳои умумӣ интиқол медиҳанд.

Кормандони соҳаи тандурустии умумӣ

Хадамоти тиббӣ аз дастаи бисёрсоҳаи мутахассисони соҳибихтисос иборат буда, таҳти мақомоти давлатии тандурустӣ мебошад. Кормандони тиббӣ дорои дипломҳои дахлдоре мебошанд, ки тахассус ва ҳуқуқи фаъолияти касбии онҳоро тасдиқ мекунанд. Онҳо аз рӯйи масъалаҳои расонидани ёрии тиббӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ аз омӯзиши махсусе мегузаранд, ки маъмурият ташкил мекунад. Танҳо кормандони тиббӣ ваколати қабули қарорҳои клиникиро доранд. Онҳо дар татбиқи ҷазоҳои интизомӣ ё дигар маҳдудиятҳо ҳеҷ гуна иштирок намекунанд ва таъмин менамоянд, ки ҷудо нигоҳ доштан ба саломатии маҳкумшуда зарар нарасонад. Ҳар дафъае, ки онҳо вазъиятро барои саломатии ҷисмонӣ ё равонии маҳкумшуда* зараровар мешуморанд, инчунин ҳангоми ошкор намудани ҳама гуна нишонаҳои шиканҷа* ё дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳолатро ҳуҷҷатгузорӣ намуда, ба мақомоти салоҳиятдор гузориш мефиристанд.

САВОЛҲО

- Хадамоти тиббиро шарҳ диҳед: ҳуҷраҳо, таҷҳизот, дорувории, тозагӣ ва ғайра.
- Кормандони тиббиро шарҳ диҳед: шумораи кормандон, тахассус, шумораи воҳидҳои корӣ (баробарии шуғли пурра), махфияти фаъолияти онҳо.
- Сохтори ташкилии хадамоти тиббӣ чӣ гуна аст? Оё он дар сатҳи миллӣ мутамарказ аст ё тавассути филиалҳои минтақавӣ фаъолият мекунад?
- Оё кормандони тиббиро мақомоти тандурустӣ (ва вазорати дахлдор) ба кор қабул мекунанд ё маъмурияти маҳбас (ва вазорати дахлдор)?
- Оё кормандони тиббӣ аз кормандон ё маъмурияти муассисаи ислоҳӣ ягон вобастагии касбӣ доранд, ки метавонад истиқлолияти онҳоро зери хатар гузошта, ба қарорҳои тиббӣ таъсир расонад?
- Оё масъулияти қабули қарорҳои клиникӣ бе дахолати кормандони муассиса танҳо ба зиммаи кормандони тиббӣ гузошта шудааст? Оё онҳо дар татбиқи ҷазоҳои интизомӣ ё дигар чораҳои маҳдудкунанда иштирок мекунанд?

- Оё ҳангоми қабули қарор дар бораи татбиқи ҷазои интизомӣ, ба монанди ҷудо нигоҳ доштан, бо кормандони тиббӣ машварат мекунанд?[1] Оё онҳо метавонанд озодона изҳори назар кунанд, ки чунин чора метавонад ба саломатии ҷисмонӣ ё равонии шахс зарар расонад? Агар онҳо изҳори нигаронӣ кунанд, оё сарфи назар аз хулосаи коршиносии онҳо чораҳои интизомӣ татбиқ карда мешаванд?

<u>Агар имкони гузаронидани суҳбати махфӣ мавҷуд бошад, аз кормандони тиббӣ дар бораи фаъолияти онҳо пурсед:</u>

- Оё онҳо эҳсос мекунанд, ки метавонанд дар шароити истиқлолияти пурраи касбӣ фаъолият намоянд?
- Оё дар фаъолияти онҳо ягон маҳдудияти моддӣ, ташкилотӣ ё вобаста ба кадрҳо вуҷуд дорад?
- Тартиб ва муҳлати гирифтани ёрии тиббӣ чӣ гуна аст? (муроҷиат ба кормандони муассиса, дастрасии мустақим ба кормандони тиббӣ, дархости хаттӣ ё шифоҳӣ ва ғайра)
- Навъи ёрии тиббиеро, ки дар муассиса пешниҳод карда мешавад, шарҳ диҳед.

<u>Агар имкони анҷом додани он ба таври махфӣ ва бехатар барои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда вуҷуд дошта бошад, бо онҳо суҳбат кунед:</u>

- Оё онҳо чунин мешуморанд, ки ҳангоми зарурат ба ёрии умумии тиббӣ дастрасии кофӣ доранд?
- Ҳангоми гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ онҳо бо кадом монеаҳо (агар мавҷуд бошанд) рӯ ба рӯ мешаванд (масалан, намудҳои дастраси ёрӣ, таъхирҳо, набудани махфият)?
- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонанд дар муҳлати оқилона қабули мутахассисонро берун аз муассиса дархост намоянд? Оё ҳангоми зарурат онҳо ба беморхонаҳо ё муассисаҳои махсус интиқол дода мешаванд? Интиқол ва хизматрасонӣ ба онҳо дар беморхонаҳо ва муассисаҳои махсус дар чӣ гуна шароит анҷом дода мешавад?
- Намудҳои ёрии тиббиеро, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда берун аз муассиса ба онҳо дастрасӣ пайдо мекунанд, шарҳ диҳед.
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то баргузории мурофиаи судӣ таҳти ҳабс қарор доранд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

[1] Ҳангоми ҷавоб додан ба ин саволҳо бояд ҳамаи чораҳои ҷудокуниро*, аз ҷумла ҷудокуние, ки бо сабабҳои ғайр аз ҷазои интизомӣ татбиқ шудааст (норасоии кормандон, ҳифзи шахси мушаххас ва ғайра), ба назар гирифт.

СОЛИМИИ РАВОНӢ ВА ЁРИИ ДАНДОНПИЗИШКӢ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*

Дастрасӣ ба ёрии равонпизишкӣ ва дандонпизишкӣ

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* метавонанд зуд-зуд ва мунтазам ёрии махсуси равонпизишкӣ ва дандонпизишкӣ гиранд. Дар ҳолатҳои фавқулода дастрасӣ фавран таъмин карда мешавад.

Ёрии равонпизишкӣ ва дандонпизишкӣ тавре расонида мешавад, ки дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва шаъну шарафи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда таъмин гардад. Принсипи махфият риоя карда мешавад.

Инфрасохтори ёрии равонпизишкӣ ва дандонпизишкӣ

Инфрасохтори хадамоти равонпизишкӣ ва дандонпизишкӣ бо шумораи кофии кормандон, таҷҳизот ва доруворӣ таъмин аст. Ҳуҷраҳо тоза нигоҳ дошта шуда, пӯшида мешаванд, то кормандони тиббӣ муоинаҳоро дар шароити махфияти комил гузаронида тавонанд. Вақте ки маҳкумшуда* ба табобат ё ҷарроҳӣ ниёз дорад, ӯро ба муассисаҳои махсус ё беморхонаҳои умумӣ интиқол медиҳанд.

Кормандони хадамоти равонпизишкӣ ва дандонпизишкӣ

Хадамоти солимии равонӣ ва ёрии дандонпизишкӣ аз дастаи бисёрсоҳаи мутахассисони соҳибихтисос иборат аст, ки дар соҳаҳои равоншиносӣ, равонпизишкӣ ва дандонпизишкӣ салоҳияти кофӣ доранд. Онҳо ба мақомоти давлатии тандурустӣ итоат мекунанд. Мутахассисон дорои дипломҳои дахлдоре мебошанд, ки тахассус ва ҳуқуқи фаъолияти касбии онҳоро тасдиқ мекунанд. Онҳо аз рӯйи масъалаҳои расонидани ёрии тиббӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ аз омӯзиши махсусе мегузаранд, ки маъмурият ташкил мекунад. Танҳо мутахассисони соҳаи солимии равонӣ ва дандонпизишкӣ ваколати қабули қарорҳои клиникиро доранд. Онҳо дар ҷорӣ кардани ҷазоҳои интизомӣ ё дигар чораҳои маҳдудкунанда ҳеҷ нақше надоранд. Онҳо таъмин менамоянд, ки ҷудо нигоҳ доштан ба саломатии маҳкумшудаон зарар нарасонад. Ҳар дафъае, ки вазъиятро барои саломатии ҷисмонӣ ё равонии маҳкумшуда зараровар мешуморанд, ҳолатро ҳуҷҷатгузорӣ намуда, ба мақомоти салоҳиятдор гузориш мефиристанд, инчунин ҳангоми ошкор намудани ҳама гуна нишонаҳои шиканҷа* ё дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.

САВОЛҲО

- Хадамоти ҳифзи солимии равонӣ ва дандонпизишкиро шарҳ диҳед: ҳуҷраҳо, таҷҳизот, маводи масрафшаванда, ҳолати санитарӣ ва ғайра.
- Кормандонеро, ки дар соҳаи солимии равонӣ ва дандонпизишкӣ ёрӣ мерасонанд, шарҳ диҳед: шумораи кормандон, тахассуси онҳо, шумораи воҳидҳои корӣ (баробарии шуғли пурра), риояи махфият дар фаъолият.
- Сохтори ташкилотии хадамоти ҳифзи солимии равонӣ ва дандонпизишкӣ чӣ гуна аст? Оё он дар сатҳи миллӣ мутамарказ аст ё тавассути воҳидҳои минтақавӣ фаъолият мекунад?
- Корфармои кормандони тиббие, ки ба масъалаҳои солимии равонӣ ва дандонпизишкӣ машғуланд, кӣ мебошад: мақомоти идоракунии тандурустӣ (ва вазорати дахлдор) ё маъмурияти муассисаи пенитенсиарӣ (ва вазорати дахлдор)?
- Оё кормандони тиббӣ (дар соҳаи солимии равонӣ ва дандонпизишкӣ) аз кормандон ё маъмурияти маҳбас вобастагии касбие доранд, ки метавонад истиқлолияти онҳоро зери хатар гузошта, ба қарорҳои тиббии қабулкардаашон таъсир расонад?
- Оё кормандони тиббӣ (дар соҳаи солимии равонӣ ва дандонпизишкӣ) қарорҳои клиникиро мустақилона, бе дахолати кормандони маҳбас қабул мекунанд? Оё онҳо дар татбиқи ҷазоҳои интизомӣ ё дигар чораҳои маҳдудкунанда иштирок мекунанд?

- Оё ҳангоми қабули қарор дар бораи татбиқи ҷазои интизомӣ, масалан, ҷойгир кардан дар утоқи ҷудогона, бо кормандони тиббӣ (дар соҳаи солимии равонӣ ва дандонпизишкӣ) машварат мекунанд?[2] Оё онҳо метавонанд озодона изҳори назар кунанд, ки чунин чораҳои интизомӣ ба саломатии ҷисмонӣ ё равонии маҳкумшуда зарар мерасонанд ё не? Агар онҳо изҳори нигаронӣ кунанд, оё чораҳои интизомӣ хилофи хулосаи касбии онҳо татбиқ карда мешаванд?

<u>Агар имкони гузаронидани суҳбати махфӣ мавҷуд бошад, аз мутахассисони соҳаи солимии равонӣ ва дандонпизишкӣ дар бораи фаъолияти онҳо пурсед:</u>

- Оё онҳо эҳсос мекунанд, ки метавонанд дар шароити истиқлолияти пурраи касбӣ фаъолият намоянд?
  Оё дар фаъолияти онҳо ягон маҳдудияти моддӣ, ташкилотӣ ё вобаста ба кадрҳо вуҷуд дорад?
- Тартиб ва муҳлати гирифтани ёрии тиббӣ чӣ гуна аст? (муроҷиат ба кормандони муассиса, дастрасии мустақим ба мутахассисон, дархости хаттӣ ё шифоҳӣ ва ғайра)
- Намудҳои ёрии равонпизишкӣ ва дандонпизишкиеро, ки дар муассиса пешниҳод мешаванд, шарҳ диҳед.

<u>Агар имкони анҷом додани он ба таври махфӣ ва бехатар барои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда вуҷуд дошта бошад, бо онҳо суҳбат кунед:</u>

- Оё онҳо чунин мешуморанд, ки ҳангоми зарурат ба ёрии равонпизишкӣ ва дандонпизишкӣ дастрасии кофӣ доранд?
- Ҳангоми гирифтани ин хизматрасониҳо онҳо бо кадом монеаҳо (агар мавҷуд бошанд) рӯ ба рӯ мешаванд (масалан, намудҳои дастраси ёрӣ, таъхирҳо, набудани махфият)?
- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонанд дар муҳлати оқилона қабули мутахассисонро берун аз муассиса дархост намоянд? Оё ҳангоми зарурат онҳо ба беморхонаҳо ё муассисаҳои махсус интиқол дода мешаванд? Интиқол ва хизматрасонӣ ба онҳо дар беморхонаҳо ва муассисаҳои махсус дар чӣ гуна шароит анҷом дода мешавад?
- Намудҳои ёрии равонпизишкӣ ва дандонпизишкиеро, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда берун аз муассиса ба онҳо дастрасӣ пайдо мекунанд, шарҳ диҳед.
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то баргузории муроfиаи судӣ таҳти ҳабс қарор доранд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

[2] Ҳангоми ҷавоб додан ба ин саволҳо бояд ҳамаи чораҳои ҷудокуниро*, аз ҷумла ҷудокуние, ки бо сабабҳои ғайр аз ҷазои интизомӣ татбиқ шудааст (норасоии кормандон, ҳифзи шахси мушаххас ва ғайра), ба назар гирифт.

НИГОҲУБИНИ ШАХСОНИ ДОРОИ НИЁЗҲОИ МАХСУС

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*

Шахсони дорои ниёзҳои махсус табобат ва нигоҳубини муносибтаринеро мегиранд, ки одатан дар ҷомеа дастрасанд, аз ҷумла:

Шахсони трансгендер: табобати гормонӣ ва/ё тағйир додани намуди зоҳирӣ вобаста ба тасҳеҳи ҷинс ва дастгирии равонӣ.

Шахсони солхӯрда: нигоҳубини гериатрӣ, физиотерапия, кумак ба шахсони мустақилияташонро аздастдода ва машварати махсус, аз ҷумла доир ба масъалаҳои марҳилаи анҷоми ҳаёт ё аз даст додани мустақилият.

Кӯдакон*: ёрии педиатрӣ, кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва назорати тиббии рушди онҳо.

Занон: ёрии тиббии бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ ва ёрии гинекологӣ. Ҳангоми зарурат нигоҳубин ва табобати пеш аз таваллуд ва пас аз таваллуд дар ҳуҷраҳои махсус таҳҳизонидашуда пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳама ҷойҳое, ки амалан имконпазир аст, чораҳо андешида мешаванд, то кӯдакон* дар беморхонаи берун аз муассисаи ислоҳӣ таваллуд шаванд. Бо дархости онҳо ва то ҳадди имкон занон аз ҷониби корманди тиббии зан муоина карда мешаванд.

Шахсони гирифтори бемориҳои сироятӣ: табобати зарурии бемориҳои сироятӣ (табобати зиддиретровирусӣ, табобати сил) ва нигоҳубине, ки тавассути сабук намудани аломатҳо ба таъмини оромӣ равона шудааст (иловаҳои ғизоӣ, доруҳои дардбар, доруҳои зиддиқайкунӣ ва ғайра).

Шахсони дорои вобастагӣ: табобати доруӣ (табобати ҷойивазкунанда бо маводи афюнӣ, доруҳо барои рафъи аломатҳои қатъи истеъмол ва ғайра), барномаҳои пешгирии истеъмоли аз меъёр зиёд ва дастгирии равонӣ.

Шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ё ихтилолҳои равонӣ: назорати мунтазами равонпизишкӣ ва равоншиносӣ дар хадамоти махсус.

Шахсони дорои маъюбият: нигоҳубини махсуси вобаста ба маъюбии онҳо (эрготерапия, физиотерапия, ортоптика ва ғайра) ва дастгирии равонӣ.

САВОЛҲО

- Оё шахсони трансгендер бо табобати гормонӣ, тағйир додани намуди зоҳирӣ вобаста ба тасҳеҳи ҷинс ва дастгирии равонӣ таъмин карда мешаванд? Шароити пешниҳоди онҳоро шарҳ диҳед. Оё шахсони трансгендер метавонанд аз ҷониби корманди тиббии ҷинсе, ки худро ба он мансуб медонанд, муоина шаванд? Оё дар пешниҳоди ёрии тиббии махсус ба ин гурӯҳ камбудиҳо мавҷуданд?
- Оё шахсони солхӯрда бо нигоҳубини гериатрӣ, физиотерапия, кумак ҳангоми аз даст додани мустақилият ва машварати махсус вобаста ба масъалаҳои марҳилаи анҷоми ҳаёт ё аз даст додани мустақилият таъмин карда мешаванд? Шароити пешниҳоди онҳоро шарҳ диҳед. Оё дар пешниҳоди ёрии тиббии махсус ба ин гурӯҳ камбудиҳо мавҷуданд?
- Оё ба кӯдакон* ёрии педиатрӣ, кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва назорати тиббии рушди онҳо пешниҳод карда мешавад? Шароити пешниҳоди онҳоро шарҳ диҳед. Оё дар пешниҳоди ёрии тиббии махсус ба ин гурӯҳ камбудиҳо мавҷуданд?
- Оё ба занон ёрии тиббии бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ ва нигоҳубини гинекологӣ пешниҳод карда мешавад? Оё занон аз ҷониби корманди тиббии зан муоина карда мешаванд? Оё онҳо ба нигоҳубин ва табобати пеш аз таваллуд ва пас аз таваллуд дар ҳуҷраҳои

махсус таҷҳизонидашуда дастрасӣ доранд? Оё барои таваллуди кӯдакон* дар беморхонаҳои берун аз муассиса шароит мавҷуд аст? Шароити пешниҳоди онҳоро шарҳ диҳед. Оё дар пешниҳоди ёрии тиббии махсус ба ин гурӯҳ камбудиҳо мавҷуданд?

- Оё шахсони гирифтори бемориҳои сироятӣ бо табобати зарурӣ (табобати зиддиретровирусӣ, табобати сил) ва нигоҳубин барои сабук кардани аломатҳо (иловаҳои ғизоӣ, доруҳои дардбар, доруҳои зиддиқайкунӣ ва ғайра) таъмин карда мешаванд? Шароити пешниҳоди онҳоро шарҳ диҳед. Оё дар пешниҳоди ёрии тиббии махсус ба ин гурӯҳ камбудиҳо мавҷуданд?
- Оё ба шахсони дорои вобастагӣ доруҳо (табобати ҷойивазкунанда бо маводи афюнӣ, доруҳо барои рафъи аломатҳои қатъи истеъмол ва ғайра), барномаҳои пешгирии истеъмоли аз меъёр зиёд ва дастгирии равонӣ пешниҳод карда мешаванд? Шароити пешниҳоди онҳоро шарҳ диҳед. Оё дар пешниҳоди ёрии тиббии махсус ба ин гурӯҳ камбудиҳо мавҷуданд?
- Оё барои шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ё ихтилолҳои равонӣ назорати мунтазами равонпизишкӣ ва равоншиносӣ дар хадамоти махсус таъмин карда мешавад? Шароити пешниҳоди онҳоро шарҳ диҳед. Оё дар пешниҳоди ёрии тиббии махсус ба ин гурӯҳ камбудиҳо мавҷуданд?
- Оё ба шахсони дорои маъюбият нигоҳубини махсуси вобаста ба маъюбии онҳо (эрготерапия, физиотерапия, ортоптика ва ғайра) ва дастгирии равонӣ пешниҳод карда мешавад? Шароити пешниҳоди онҳоро шарҳ диҳед. Оё дар пешниҳоди ёрии тиббии махсус ба ин гурӯҳ камбудиҳо мавҷуданд?

ПАЙДАРҲАМИИ ЁРИИ ТИББӢ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Ҳангоми ворид шудани ҳар як маҳкумшуда барои ӯ корти тиббии инфиродӣ тартиб дода мешавад. Он махфӣ буда, танҳо барои кормандони тиббӣ дастрас аст. Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* метавонанд ба корти тиббии худ дастрасӣ дошта бошанд ва дар бораи тартиби гирифтани чунин дастрасӣ огоҳ карда мешаванд. Корти тиббӣ маълумотро дар бораи ҳолати саломатии шахс то ворид шудан, мушкилоти саломатӣ, ниёзҳои тиббию санитарӣ (парҳези махсус, табобат ва ғайра), ёрии тиббии гирифташуда, инчунин ҳама гуна нишонаҳои шиканҷа*, зӯроварии ҷинсӣ ё муносибати бераҳмона дар бар мегирад. Корти тиббӣ мунтазам нав карда мешавад. Ҳангоми интиқол он ба кормандони тиббии муассисаи таъиноти супорида мешавад.
Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда гирифтани ёрии тиббӣ ё табобатеро, ки то ворид шудан оғоз гардидааст, идома медиҳанд. Ҳангоми интиқол аз як муассиса ба муассисаи дигар пайдарҳамии табобат низ таъмин карда мешавад.

САВОЛҲО

- Оё шахсон ҳангоми ворид шудан метавонанд табобат ё нигоҳубини тиббиеро, ки то ба ҳабс гирифта шудан оғоз гардидааст, идома диҳанд? Оё барои идомаи он монеаҳо мавҷуданд?
- Оё ҳангоми ворид шудан барои ҳар як маҳкумшуда корти тиббии инфиродӣ тартиб дода мешавад? Оё дар он маълумот дар бораи ҳолати саломатӣ то ба ҳабс гирифта шудан сабт мегардад?

- Шакл ва маълумоти дар он мавҷудбударо шарҳ диҳед. Кӣ ба ин корт дастрасӣ дорад? (кормандони тиббӣ, кормандони муассиса, худи маҳкумшуда ва ғайра) Корт бо кадом мунтазамӣ нав карда мешавад?
- Оё ҳангоми интиқоли маҳкумшуда аз як муассиса ба муассисаи дигар корти тиббӣ ба кормандони тиббии муассисаи таъинотӣ супорида мешавад? Оё шахси интиқолшуда метавонад табобатро аз як муассиса ба муассисаи дигар идома диҳад?
- Ба сохтори низоми тандурустӣ диққат диҳед. Оё дар низомҳои минтақавӣ ҳангоми интиқол аз як муассиса ба муассисаи дигар дар ҳудуди як минтақа ё ҳангоми иваз намудани минтақа вобаста ба супоридани корт ва пайдарҳамии табобат мушкилоти иловагӣ ба миён меоянд?
- Нишон диҳед, ки пайдарҳамии кадом намудҳои табобат ё нигоҳубин ҳангоми ба ҳабс гирифтан ё интиқол мушкил ё манъ карда мешавад.
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то баргузории мурофиаи судӣ таҳти ҳабс қарор доранд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда). Ҳамчунин шахсони дорои ниёзҳои махсусро, ки дар фасли қаблӣ зикр шудаанд, ба назар гиред.

ТАЪМИНИ ҲИМОЯ

КАФОЛАТҲОИ ҲУҚУҚӢ

Дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо ***(барои истиноди пурра ба замима нигаред)***
Ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* дар давоми 48 соат пас аз ворид шудан ба муассисаи ислоҳӣ маълумот дода мешавад, ки чӣ гуна онҳо метавонанд аз низоми ёрии ҳуқуқӣ* ва ёрии ройгони ҳуқуқӣ*, ки ҳуқуқшиносони соҳибихтисос пешниҳод мекунанд, истифода баранд. Онҳо метавонанд бо мушовири ҳуқуқии интихобкардаи худ ҳар қадаре ки хоҳанд, машварат кунанд. Ба онҳо барои дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ* вақт ва воситаҳо дода мешаванд. Онҳо ба ҳуҷҷатҳои марбут ба мурофиаи судии худ дастрасӣ доранд ё иҷозат дода мешавад, ки онҳоро бидуни дастрасии маъмурияти муассиса назди худ нигоҳ доранд.
Барои мулоқот бо мушовири ҳуқуқӣ ҳуҷраҳо фароҳам оварда мешаванд. Онҳо дар ҳолати муносиб нигоҳ дошта шуда, махфияти суҳбатҳоро таъмин мекунанд. Машваратҳо метавонанд дар доираи диди кормандони муассиса, вале берун аз доираи шунавоии онҳо гузаронида шаванд.

Огоҳ намудани шахси сеюм* (дар бораи ба ҳабс гирифтан, интиқол, бемории вазнин ё ҷароҳат)

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда имконият ва воситаҳо дода мешаванд, ки фавран ва ба таври махфӣ хешованд ё ҳар шахси дигареро, ки ҳамчун шахси тамос таъин шудааст, дар бораи ба ҳабс гирифта шудан, интиқол ба муассисаи дигар, инчунин ҳар гуна бемории вазнин ё ҷароҳат огоҳ намоянд. Сабтҳое нигоҳ дошта мешаванд, ки интиқол дода шудани маълумотро тасдиқ мекунанд.

Парвандаи махфӣ дар феҳристҳои расмӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Шахсон танҳо дар сурати мавҷуд будани санади дахлдор доир ба маҳрумшавӣ аз озодӣ ба муассисаи ислоҳӣ қабул карда мешаванд. Шахсоне, ки то мурофиаи судӣ таҳти боздошт қарор доранд*, ҳуқуқ доранд фавран дар бораи сабабҳои боздошт ва ҳар гуна айбҳои ба онҳо эълоншуда огоҳ карда шаванд. Барои ҳар як маҳкумшуда парвандаи махфӣ кушода мешавад. Он бояд пурра, навшуда ва ҳар вақт бо хоҳиши шахси манфиатдор барои ӯ дастрас бошад. Он бояд маълумоти ҳангоми ворид шудан ҷамъоваришуда (ба поён нигаред) ва маълумоти марбут ба давраи нигоҳдориро (ба поён нигаред) дар бар гирад.

Дастрасӣ ба қоидаҳои тартиботи дохилӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Ҳангоми ворид шудан шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи ислоҳӣ*, талаботе, ки аз онҳо интизор меравад ва муносибате, ки онҳо метавонанд аз кормандони муассиса интизор шаванд, шинос карда мешаванд. Ба онҳо нусхаи шахсии қоидаҳои тартиботи муассиса* дода мешавад. Онҳо дар бораи қонунгузорӣ доир ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва қоидаҳои амалкунандаи тартибот*; ҳуқуқҳои худ ва роҳҳои гирифтани маълумот, ёрии ҳуқуқӣ, пешниҳоди дархост ё шикоят; уҳдадориҳои худ ва ҷазоҳои интизомии татбиқшаванда огоҳ карда мешаванд.

САВОЛҲО

- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар бораи низоми ёрии ҳуқуқӣ ва ёрии ройгони ҳуқуқӣ* чӣ гуна огоҳ карда мешаванд? Оё ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда барои иртибот бо мушовири ҳуқуқии худ имкониятҳо дода мешаванд? (дастгирии молиявӣ, ҳимоятгари аз ҷониби суд таъйиншуда, мавод барои мукотиба ё зангҳои телефонӣ ва ғайра)
- Тартиби дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ ва ёрии ройгони ҳуқуқиро* шарҳ диҳед (хоҳ тавассути мукотибаи хаттӣ, зангҳои телефонӣ ё ташрифҳои шахсӣ: махфият, таъхирҳо ва мунтазамии робитаҳо, дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои мурофиаи судӣ ва махфияти онҳо).
- Ҳуҷраҳоеро, ки шахсон дар онҳо бо мушовири ҳуқуқии худ мулоқот мекунанд, шарҳ диҳед. Оё кормандони муассиса метавонанд суҳбати онҳоро шунаванд?
- Оё дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ* бо чораҳои назоратӣ маҳдуд карда мешавад? (хондан ва сензураи мукотиба, таъхир дар расонидани мукотиба, назорати зангҳо ва/ё ташрифҳо ва ғайра). Ҳолатҳои татбиқи чунин чораҳоро шарҳ дода, нишон диҳед, ки оё онҳоро ғайриқонунӣ ҳисобидан мумкин аст.

- Оё ба шахсони аз озодӣ маҳрумшудаи хориҷӣ тарҷумонҳои мустақил ва соҳибихтисос пешниҳод карда мешаванд? Оё онҳо метавонанд ба сафоратҳо, консулгариҳо ё ташкилотҳои ҳомии ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ муроҷиат намоянд?
- Оё хешовандон ё шахсони тамоси шахсони аз озодӣ маҳрумшуда фавран ва ба таври махфӣ ҳангоми ба ҳабс гирифтан, интиқол ба муассисаи дигар, инчунин дар ҳолати бемории вазнин ё ҷароҳат огоҳ карда мешаванд? Раванди огоҳониданро шарҳ дода, нишон диҳед, ки оё огоҳонидан сабт карда мешавад.
- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшудае, ки шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд, ҳангоми ворид шудан дар бораи ҳуқуқи муроҷиат ба намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии худ огоҳ карда мешаванд?
- Оё шахсон дар асоси санади дахлдор вобаста ба маҳрумшавӣ аз озодӣ ба муассисаи ислоҳӣ оварда мешаванд? Оё шахсоне, ки то мурофиаи судӣ дар боздошт қарор доранд*, дар бораи сабабҳои боздошт ва ҳар гуна айбҳои ба онҳо эълоншуда огоҳ карда мешаванд?
- Оё барои ҳар як маҳкумшуда парвандаи стандартӣ ва махфӣ кушода мешавад[3]? Мунтазамии навсозии он ва тарзи дастрасии шахсони аз озодӣ маҳрумшудаи манфиатдорро ба он нишон диҳед.
- Оё он маълумоти зеринро дар бар мегирад?

  маълумоте, ки ҳангоми ворид шудани ҳар як шахс ба муассиса бояд ҷамъоварӣ карда шавад:
  Маълумоти шахсӣ бо эҳтиром ба гендери худмуайяншуда*; маълумот дар бораи сана, вақт ва ҷойи боздошт; ворид шудан ё интиқоли ӯ; ҳар гуна осеби ҷисмонии намоён ва шикоятҳо аз муносибати бераҳмонаи қаблӣ; рӯйхати молу мулки шахсӣ; номи аъзои оила, аз ҷумла, дар ҳолатҳои дахлдор, кӯдакони онҳо*, синну соли кӯдакон, ҷойгиршавӣ ва мақоми васоят ё парастории; маълумоти тамос барои ҳолатҳои фавқулода.

  маълумоте, ки дар давраи нигоҳдории ҳар як шахс бояд ҷамъоварӣ карда шавад:
  Маълумоти марбут ба мурофиаи судӣ, гузоришҳои арзёбӣ ва гурӯҳбандӣ; маълумот дар бораи рафтор ва интизом; дархостҳо ва шикоятҳо, аз ҷумла изҳорот дар бораи шиканҷа* ё дигар муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ё ҷазо (агар онҳо хусусияти махфӣ надошта бошанд); ҷазоҳои интизомӣ; маълумот дар бораи ҳолат ва сабабҳои ҳар гуна ҷароҳат ё марг ва дар ҳолати марг, макони таъйиноти ҷасад; сабти ташрифҳо, бахусус вақте ки ташриф «расмӣ» мебошад, масалан, ташрифи консулгарии хориҷӣ ё ҳимоятгар; арзёбӣ ва сабти ниёзҳои инфиродии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва барномаҳои табобати онҳо; интиқолҳо (воридшавӣ ва баромад) дар давраи нигоҳдорӣ.
-
- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар бораи бандҳои зерин огоҳ карда мешаванд ва бо кадом тарз? (таъхир пас аз ворид шудан, пешниҳоди маводи хаттӣ ё иттилооти шифоҳӣ, забонҳо ва ғайра)
  - Қонунгузорӣ вобаста ба ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва қоидаҳои амалкунандаи тартибот*
  - Қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи ислоҳӣ*
  - Ҳуқуқҳо ва роҳҳои гирифтани маълумот, ёрии ҳуқуқӣ, пешниҳоди дархостҳо ё шикоятҳо
  - Уҳдадориҳо ва ҷазоҳои интизомии татбиқшаванда

- Ҳуҷраҳои муассисаро аз назар гузаронед: оё иқтибосҳои мухтасари маълумот дар ҷойҳои намоёни минтақаҳои умумии муассиса овехта шудаанд?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти

[3] Ҳуҷҷатҳои тиббӣ алоҳида нигоҳ дошта мешаванд. Ба фасли «Пайдарҳамии ёрии тиббӣ» дар боло нигаред

низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

МАВҶУДИЯТИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ПЕШГИРИКУНАНДА

Ин фасл ба арзёбии он равона шудааст, ки оё заминаи меъёрию ҳуқуқии пешгирикунанда тавассути қоидаҳои расмии тартиботи дохилӣ ва мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ба таври зарурӣ таъсис дода шудааст ё на. Татбиқи самараноки он дар фасли навбатии «Самаранокии заминаи меъёрию ҳуқуқии пешгирикунанда» баррасӣ карда мешавад.

Санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо ***(барои истиноди пурра ба замима нигаред)***
Санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ сохтори низоми муносиби интизомиро муфассал шарҳ медиҳанд. Ҷазоҳои интизомӣ оқилона ва ба кирдори интизомӣ мутаносиб мебошанд.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ манъ мекунанд:

- Ҳама гуна ҷазоҳои интизомие, ки ба шиканҷа* ё дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф баробар дониста мешаванд (аз ҷумла: нигоҳдории дарозмуддат ё номуайян дар танҳоӣ*, ҷойгир кардан дар камераи торик ё доимо равшан, ҷазои ҷисмонӣ ё кам кардани меъёри ғизо ё оби нӯшокии маҳкумшуда, ҷазои дастаҷамъӣ, истифодаи воситаҳои маҳдудкунандаи озодӣ ҳамчун ҷазо барои кирдори интизомӣ);
  - Истифодаи воситаҳои маҳдудкунандаи озодӣ нисбат ба занони ҳомила ҳангоми дарди зоиш, таваллуд ё бевосита пас аз таваллуд;
  - Татбиқи нигоҳдорӣ дар танҳоӣ* нисбат ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ё дорои маъюбии ҷисмонӣ, агар ҳолати онҳо бо чунин чораҳо бадтар шавад; занони ҳомила, занони дорои кӯдакони ширхӯр ва модарони ширдеҳ; кӯдакон* ё ҷавонон; шахсони гирифтори ихтилоли солимии равонӣ, агар ҳолати онҳо бо чунин чораҳо бадтар шавад.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим мекунанд:

- Истифодаи қувваи ҷисмонӣ ва воситаҳои маҷбуркунӣ барои мақсадҳои ғайриинтизомӣ;
- Гузаронидани кофтуковҳо. Онҳо бояд тавре гузаронида шаванд, ки шаъну шарафи фитрии инсонӣ ва дахлнопазирии ҳаёти шахсии шахси кофтуковшаванда, инчунин принсипҳои мутаносибӣ, қонуният ва зарурат эҳтиром карда шаванд. Ҳамаи кофтуковҳо, кофтуков бо бараҳнакунӣ, кофтукови ковокиҳои бадан ва кофтукови камераҳо бояд бо зикри сабабҳои гузаронидан, маълумоти шахсони анҷомдиҳанда ва ҳар гуна натиҷаҳо сабт карда шаванд.

  Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мутобиқи рушди стандартҳо мунтазам нав карда мешаванд.

Ҷудогона нигоҳ доштани категорияҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)* Категорияҳои зерини шахсон дар муассисаҳо ва биноҳо/шуъбаҳои алоҳида ҷойгир карда мешаванд: мардон ва занон; шахсоне, ки то мурофиаи судӣ дар боздошт қарор доранд* ва шахсони аз озодӣ маҳрумшуда; кӯдакон* ё ҷавонон ва калонсолон. Принсипи танзимкунандаи ҷудогона нигоҳ доштани шахсон муҳофизат мебошад. Ҳар шахси дигаре, ки барои ҳифзи худ ба ҷудокунии онҳо зарурат дорад, метавонад дар муассисаи алоҳида ҷойгир карда шавад.

Шароити меҳнат ва омодагии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)* Ҳамаи кормандони муассисаи ислоҳӣ аз омодагии пурра мегузаранд (ба поён нигаред). Онҳо дар асоси шуғли пурра ҳамчун кормандони касбии муассисаҳои ислоҳӣ таъйин шуда, мақоми хизматчии давлатӣ доранд. Музди меҳнат, имтиёзҳои меҳнатӣ ва шароити хизмати онҳо бо назардошти кори иҷрошаванда муносиб мебошанд. Онҳо мусаллаҳ нестанд, ба истиснои ҳолатҳои махсусе, ки дар қоидаҳои дохилии муассиса зикр шудаанд. Ин истисно дар ҳеҷ муассисае, ки кӯдакон* нигоҳ дошта мешаванд, татбиқ шуда наметавонад. Муассисаҳои ислоҳӣ рӯзона ва шабона бо шумораи кофии кормандон таъмин карда мешаванд, то назорати муносиб мутобиқи категорияи амниятии муассиса таъмин гардад.

САВОЛҲО

- Ба санадҳои меъёрии миллӣ (инчунин минтақавӣ ё маҳаллӣ, агар дахл дошта бошад) муроҷиат кунед. Оё онҳо дар дастрасии умум мебошанд ва тартиби дастрасӣ ба онҳо чӣ гуна аст? Агар онҳо дар дастрасии умум набошанд, кӣ ба онҳо дастрасӣ дорад? Санадҳои меъёрӣ бори охир кай нав карда шуданд?
- Оё санадҳои меъёрӣ амалҳоеро, ки кирдори интизомиро ташкил медиҳанд, возеҳ муайян мекунанд ва барои ҳар яки онҳо намуд ва давомнокии ҷазои татбиқшавандаро нишон медиҳанд? Оё ҷазоҳои интизомӣ ба кирдор мутаносибанд?
- Оё санадҳои меъёрӣ муайян мекунанд, ки кадом мақом барои қабули қарор дар бораи ҷазои интизомии татбиқшаванда салоҳият дорад?
- Ба матни дар боло дар сандуқча овардашуда доир ба санадҳои меъёрии дар дастрасии умум қарордошта ва рӯйхатҳои «санадҳои меъёрӣ манъ мекунанд» ва «санадҳои меъёрӣ танзим мекунанд» муроҷиат намоед. Оё амалҳои номбаршуда манъ ва танзим шудаанд? Оё истифодаи қувва, воситаҳои маҷбуркунӣ барои мақсадҳои ғайриинтизомӣ ва гузаронидани кофтуковҳо бо дақиқии баланд танзим шудаанд?
- Категорияҳои шахсони ҷудо нигоҳдошташавандаро номбар кунед. Онҳо чӣ гуна ҷудо карда шудаанд (биноҳо, ошёнаҳо ё муассисаҳои гуногун)? Оё онҳо метавонанд намояндагони категорияҳои дигари шахсонеро, ки бояд аз онҳо ҷудо нигоҳ дошта шаванд, ё дигар категорияҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшударо шунаванд, бинанд ё бо онҳо мулоқот кунанд?
- Оё шахсони ЛГБТКИ+ дар муассисаҳо ё биноҳо дар асоси гендери худмуайяншудаи онҳо* ҷойгир карда мешаванд?
- Оё шахсони дорои маъюбият дар муассисаҳо таҳти назорати кормандони тиббии соҳибихтисос ҷойгир карда мешаванд?
- Оё шахсони дигари аз озодӣ маҳрумшудае, ки ба муҳофизат ниёз доранд, ҷудо нигоҳ дошта мешаванд?

- Дараҷаҳои гуногуни амният ва низомҳои нигоҳдориро шарҳ диҳед. Оё ҷудокунии шахсон ва низоми нигоҳдории онҳо мунтазам арзёбӣ карда мешаванд?
- Тартиби ба кор қабул кардани кормандони муассисаи ислоҳиро шарҳ диҳед. Оё он ба сиёсати шаффоф бо меъёрҳои возеҳ асос ёфтааст?
- Омодагиеро, ки кормандони муассисаи ислоҳӣ пеш аз оғози фаъолият мегузаранд, шарҳ диҳед (давомнокӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, таҷрибаомӯзӣ ва ғайра). Нишон диҳед, ки оё омодагӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:
  - Амният ва муҳофизат (аз ҷумла консепсияи амнияти динамикӣ*);
  - Қонунгузорӣ, санадҳои меъёрӣ ва сиёсати дахлдори миллӣ, инчунин санадҳои татбиқшавандаи байналмилалӣ ва минтақавӣ;
  - Ҳуқуқи инсон, манъи амалҳои муайян (масалан, шиканҷа* ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф);
  - Омодагии махсус барои шахсоне, ки барои категорияҳои муайяни шахсони аз озодӣ маҳрумшуда масъуланд (кӯдакон*, шахсони дорои маъюбии ҷисмонӣ, шахсони ЛГБТКИ+ ва ғайра);
  - Ёрии аввалия ва барвақт ошкор намудани мушкилоти солимии равонӣ.

- Оё кормандони муассисаи ислоҳӣ аз омӯзиши муттасил мегузаранд? Курсҳои омӯзишиеро, ки онҳо дар давоми фаъолияти касбии худ мегузаранд, номбар кунед.
- Оё кормандони муассиса норасоии омӯзишро пеш аз оғози кор ё баъд аз он муайян мекунанд? Агар ҳа, аз рӯйи кадом мавзӯъҳо омӯзиш намерасад? Дар асоси мушоҳидаҳои худ оё камбудиҳои дигари омӯзиширо ошкор мекунед?
- Оё музди меҳнат, имтиёзҳои меҳнатӣ ва шароити хизмати кормандон бо назардошти кори иҷрошаванда муносиб мебошанд? Оё онҳо мақоми хизматчии давлатӣ доранд ва ба таври пурра машғули кор ҳастанд?
- Оё кормандон, ба истиснои ҳолатҳои махсусе, ки дар қоидаҳои дохилии муассиса зикр шудаанд, мусаллаҳ нестанд? Дар муассисаҳое, ки кӯдакон* нигоҳ дошта мешаванд, ҳеҷ гуна истисно татбиқ шуда наметавонад.
- Оё муассисаҳо рӯзона ва шабона бо шумораи кофии кормандон барои назорати муносиб мутобиқи категорияи амниятии муассиса таъмин карда шудаанд?
- Оё шумораи кормандон барои таъмини фаъолияти муассиса аз ҷиҳати ҳамроҳӣ ба қабулҳо, чорабиниҳо, ташрифҳо ва ғайра кофӣ аст?
- Дар ҳолати норасоии кормандон шарҳ диҳед, ки ин ба фаъолияти муассиса чӣ гуна таъсир мерасонад (боздоштани ҳуқуқ ба ташриф, кор, таҳсил ё чорабиниҳо, ҷудо нигоҳ доштан дар камераҳо ва ғайра).
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

САМАРАНОКИИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚИИ ПЕШГИРИКУНАНДА

Ин фасл ба арзёбии он равона шудааст, ки оё заминаи меъёрию ҳуқуқии пешгирикунандаи дар фасли қаблӣ тавсифшуда дар амал ба таври зарурӣ татбиқ гардида, ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад ё на.

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Зарари ҷисмонӣ
Набояд ягон ҳодисаи зӯроварӣ нисбат ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* аз ҷониби кормандони муассисаи ислоҳӣ, инчунин ҳодисаи зӯроварӣ байни худи маҳкумшудаон рух диҳад. Ҷазоҳои интизомӣ бо кафолатҳои мурофиавӣ танзим карда мешаванд. Нигоҳдорӣ дар танҳоӣ* танҳо ҳамчун чораи ниҳоӣ ва барои муҳлати ҳарчи кӯтоҳтар истифода мешавад. Он аз ҷониби мақоми салоҳиятдор иҷозат дода шуда, бояд мустақилона бозбинӣ карда шавад. Воситаҳои иҷозатдодашудаи маҳдудкунандаи озодӣ* ҳамчун чораи ниҳоӣ истифода мешаванд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳамчун ҷазои интизомӣ татбиқ намегарданд.

Таъмини интизом
Кормандони муассисаи ислоҳӣ қувваи ҷисмониро истифода намебаранд, ба истиснои ҳолатҳои худмуҳофизат, кӯшиши фирор ё муқовимати фаъоли ё ғайрифаъоли ҷисмонӣ. Ҳангоми истифодаи қувваи ҷисмонӣ кормандони муассисаи ислоҳӣ бояд фавран ба роҳбари муассиса гузориш диҳанд. Кофтукови камераҳо ва кофтукови шахсӣ танҳо ҳангоми зарурат гузаронида шуда, ба мулоҳизаҳои қонунии амниятӣ мутаносиб мебошанд ва бо эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва шаъну шарафи одамон анҷом дода мешаванд. Кофтукови ковокиҳои бадан танҳо аз ҷониби кормандони тиббии соҳибихтисос ё, ҳадди ақал, кормандони ба таври муносиб омӯзонидашуда гузаронида мешавад.

Ба ҳолатҳои зерин роҳ дода намешавад:
- Истифодаи воситаҳои маҳдудкунандаи озодӣ нисбат ба занони ҳомила ҳангоми дарди зоиш, таваллуд ё бевосита пас аз таваллуд;
- Татбиқи нигоҳдорӣ дар танҳоӣ* нисбат ба шахсони дорои нуқсонҳои равонӣ ё ҷисмонӣ, агар ҳолати онҳо бо чунин чораҳо бадтар шавад; занони ҳомила, занони дорои кӯдакони ширхӯр ва модарони ширдеҳ; кӯдакон* ва ҷавонон; шахсони гирифтори ихтилоли солимии равонӣ, агар ҳолати онҳо бо чунин чораҳо бадтар шавад.

Муносибати ғайриқонунӣ, бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф
Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* ҳеҷ гоҳ аз ҷониби кормандон ва/ё маъмурияти муассиса ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дучор намешаванд, аз ҷумла:
- Шиканҷа* ҳамчун «қасдан расонидани дард ё азоби сахти ҷисмонӣ ё равонӣ аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё бо таҳрики ӯ, ё бо огоҳӣ ё ризоияти хомӯшонаи ӯ барои мақсади муайян, ба монанди гирифтани маълумот, ҷазо додан ё тарсонидан»;
- Нигоҳдорӣ дар танҳоӣ*, истифодаи воситаҳои маҳдудкунандаи озодӣ ва қувваи ҷисмонӣ ҳангоми истифодаи ғайриқонунии онҳо;
- Чораҳои дахолаткунанда, ба монанди кофтуковҳои такрорӣ;
- Шароити нигоҳдорие, ки ба шаъну шарафи инсонӣ муносиб нест;
- Рад намудани пешниҳоди табобати муносиб;
- Дар ҳабс нигоҳ доштани шахсоне, ки ғайри қобили ҷавобгарӣ эътироф шудаанд ё баъдан ба онҳо ихтилол ва/ё бемориҳои вазнини рӯҳӣ ташхис шудаанд.

САВОЛҲО

- Оё дар феҳрист ягон ҳодисаи сабтшудаи зӯроварӣ нисбат ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда аз ҷониби кормандони муассиса мавҷуд аст? Зӯроварӣ байни шахсони аз озодӣ маҳрумшуда чӣ?
- Агар имкон бошад, бо шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба таври махфӣ ва бехатар барои онҳо суҳбат кунед. Оё онҳо дар бораи чунин ҳодисаҳо хабар медиҳанд?
- Барои ҳар як изҳорот маълумоти феҳристҳоро бо ҷавобҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда муқоиса кунед. Агар байни онҳо ихтилоф вуҷуд дошта бошад, барои шарҳ додани он тафтиши минбаъда гузаронед. Оё низоми баҳисобгирӣ носозгор аст?
- Ҳангоми татбиқи ҷазои интизомӣ барои ҳимояи худ ва ба даст овардани бозбинии судӣ маҳкумшуда чӣ гуна кафолатҳои мурофиавӣ дорад? Оё онҳо дар амал самаранок татбиқ мешаванд? Ба зуҳуроти худсарӣ диққати махсус диҳед.

Амалҳои зеринро баррасӣ намоед:

<u>Нигоҳдорӣ дар танҳоӣ / ҷудокунӣ*</u>

- Оё ин ҷазо танҳо ҳамчун чораи ниҳоӣ ва бо иҷозати мақоми салоҳиятдор татбиқ карда мешавад?
- Муҳлатҳои гуногуни таъйиншавандаро шарҳ диҳед. Оё қарор дар бораи ҷойгир кардан дар танҳоӣ бозбинӣ карда мешавад? Агар ҳа, аз ҷониби кӣ ва оё онҳо мустақиланд? Бозбинӣ бо кадом мунтазамӣ гузаронида мешавад?
- Шароити моддию маишии нигоҳдорӣ дар танҳоиро шарҳ диҳед (андозаи камера, равшании рӯзона ва ҳаво, дастрасӣ ба воҳидҳои санитарӣ, тозагӣ ва ғайра).

<u>Воситаҳои иҷозатдодашудаи маҳдудкунандаи озодӣ*</u>

- Воситаҳои истифодашавандаро шарҳ диҳед. Оё онҳо танҳо ҳамчун чораи ниҳоӣ истифода мешаванд ва ҳеҷ гоҳ ҳамчун ҷазои интизомӣ татбиқ намегарданд?
- Оё ҳолатҳои амалҳои манъшудаи зерин вуҷуд доранд?
- Татбиқи ду ҷазо барои як кирдор;
- Ҷазои дастаҷамъӣ (кофтукови дастаҷамъонаи камераҳо, маҳдудсозии дастаҷамъонаи дастрасӣ ба чорабиниҳо ё ташрифҳо ва ғайра);
- Татбиқи ҷазои интизомӣ барои рафторе, ки натиҷаи бевоситаи беморию рӯҳии шахс мебошад;
- Татбиқи нигоҳдорӣ дар танҳоӣ* нисбат ба шахсони дорои нуқсонҳои равонӣ ё ҷисмонӣ, агар ҳолати онҳо бо чунин чораҳо бадтар шавад; занони ҳомила, занони дорои кӯдакон* ва модарони ширдеҳ; кӯдакон*;
- Истифодаи воситаҳои маҳдудкунандаи озодӣ нисбат ба занони ҳомила ҳангоми дарди зоиш, таваллуд ё бевосита пас аз таваллуд.
- Дар кадом ҳолатҳо кормандони муассиса қувваи ҷисмониро истифода мебаранд? Оё ҳангоми истифодаи он ба роҳбари муассиса гузориш медиҳанд?
- Кофтукови камераҳо ва кофтукови шахсӣ чӣ гуна гузаронида мешаванд? Оё онҳо танҳо ҳангоми зарурат, мутаносиб ба мулоҳизаҳои амниятӣ ва бо эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва шаъну шарафи одамон гузаронида мешаванд?
- Оё кофтукови ковокиҳои бадан танҳо аз ҷониби кормандони тиббии соҳибихтисос ё кормандони ба таври муносиб омӯзонидашуда гузаронида мешавад?

- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда аз ҷониби кормандон ва/ё маъмурияти муассиса ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дучор мешаванд? Ба чунин ҳолатҳо дохил мешаванд:
  - Шиканҷа* ҳамчун «қасдан расонидани дард ё азоби сахти ҷисмонӣ ё равонӣ аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё бо таҳрики ӯ, ё бо огоҳӣ ё ризоияти хомӯшонаи ӯ барои мақсади муайян, ба монанди гирифтани маълумот, ҷазо додан ё тарсонидан»;
  - Истифодаи ғайриқонунии нигоҳдорӣ дар танҳоӣ*, воситаҳои маҳдудкунандаи озодӣ ва қувваи ҷисмонӣ;
  - Чораҳои дахолаткунанда, ба монанди кофтуковҳои такрорӣ;
  - Шароити нигоҳдорие, ки ба шаъну шарафи инсонӣ муносиб нест;
  - Рад намудани пешниҳоди табобати муносиб;
  - Дар ҳабс нигоҳ доштани шахсоне, ки ғайри қобили ҷавобгарӣ эътироф шудаанд ё баъдан ба онҳо ихтилол ва/ё бемориҳои вазнини рӯҳӣ ташхис шудаанд.
-
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

Механизмҳои дохилӣ ва берунии санҷиш[4]

Шарҳи мухтасари стандартҳо ***(барои истиноди пурра ба замима нигаред)***
Дар муассисаҳои ислоҳӣ бояд мунтазам ҳам санҷишҳои дохилӣ ва ҳам санҷишҳои беруна гузаронида шаванд. Ин санҷишҳо бояд ба масъалаҳои зерин равона карда шаванд:
- шароити зиндагии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда (низоми нигоҳдорӣ, дастрасӣ ба ёрии тиббӣ, шароити моддию маишӣ...);
- риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ;
- сатҳи аз меъёр зиёд пур будан, инчунин сабабҳои эҳтимолии чунин пуршавӣ;
- муносибат бо шахсоне, ки дар вазъияти аз ҳама осебпазир қарор доранд*;
- ҳама гуна изҳорот дар бораи муносибати бераҳмона.
Гурӯҳҳои санҷишӣ метавонанд берун аз вақти корӣ боздидҳои махсус (ғайринақшавӣ) анҷом диҳанд. Онҳо ба ҳамаи биноҳо дастрасии бемаҳдуд дошта, метавонанд бо ҳар шахси таҳти ҳабс қарордошта дар шароити махфияти комил суҳбат кунанд. Гузаронидани санҷишҳо бо чораҳои назоратии ғайриқонунӣ (сензура, бордошт ё таъхири мукотиба, гӯш кардан/сабт намудани суҳбатҳо...) маҳдуд карда намешавад.

Санҷишҳои дохилӣ* аз ҷониби гурӯҳи байнисоҳавии маъмурияти марказӣ, ки омодагии дахлдор гирифтааст, гузаронида мешаванд. Пас аз боздид гурӯҳи санҷишӣ хулосаҳои худро ба мақомоти ҳокимият пешниҳод мекунад, ки ин метавонад боиси татбиқи ҷазоҳои интизомӣ гардад.
Санҷишҳои беруна* аз ҷониби гурӯҳи байнисоҳавие, ки омодагии дахлдор гирифтааст, гузаронида мешаванд. Пас аз боздид он хулосаҳои худро ба мақомоти ҳокимият пешниҳод мекунад. Ин хулосаҳо нашр карда мешаванд.

САВОЛҲО

- Оё механизмҳои санҷиши дохилӣ мавҷуданд? Агар ҳа, барои ҳар яки онҳо нишон диҳед:
  - Он ба кадом идора, маъмурият ё ташкилот тааллуқ дорад (намунаҳои ташкилотҳое, ки санҷишҳои беруниро анҷом медиҳанд, дар луғат оварда шудаанд);
  - Гурӯҳи санҷишӣ чӣ гуна ташкил шудааст (тахассус ва байнисоҳавӣ будан);
  - Боздидҳо бо кадом даврият гузаронида мешаванд;
  - Тартиби дастрасӣ чӣ гуна аст (боздидҳои ногаҳонӣ ва нақшавӣ, дастрасӣ ба ҳамаи биноҳо);
  - Махфият чӣ гуна таъмин карда мешавад (суҳбатҳои махфӣ бо ҳар маҳкумшуда ё корманд);
  - Ҳангоми боздидҳо кадом масъалаҳо фаро гирифта шуданд (шароити зиндагӣ, аз меъёр зиёд пур будан, меъёрҳои санитарию гигиенӣ, муносибати бераҳмона ё шиканҷа*, муносибат бо шахсоне, ки дар вазъияти аз ҳама осебпазир қарор доранд*…);
  - Хулосаҳо чӣ гуна буданд, оё аз рӯйи тавсияҳо ягон тадбир андешида шуд ё пайомаде ба миён омад ва оё гузоришҳо ба ҷомеа дастрас карда шуданд?

[4] *Ин фасл метавонад ҳамчун воситаи худбаҳодиҳӣ барои механизмҳои санҷиши беруна истифода шавад ва ба онҳо имкон диҳад, ки дар бораи натиҷаҳо ва маҳдудиятҳои фаъолияти худ ҳисобот диҳанд.*

- Оё санҷишҳо ҳам дар мавриди гузаронидани боздидҳо ва ҳам таҳияи гузоришҳо дар шароити истиқлолияти комил ташкил карда мешаванд? Оё механизмҳо барои иҷрои дурусти вазифаҳои санҷишӣ ва таҳияи ҳисобот бо захираҳои кофӣ таъмин шудаанд? Оё барои фаъолияти самараноки механизми санҷишӣ ягон монеа вуҷуд дорад? Агар ҳа, хусусият ва таъсири онҳоро шарҳ диҳед.

Низомҳои пешниҳод ва баррасии шикоятҳо ва арзу дархостҳо

Шарҳи мухтасари стандартҳо ***(барои истиноди пурра ба замима нигаред)***
Ҳар шахси аз озодӣ маҳрумшуда* метавонад тавассути механизми дохилӣ ва махфӣ дархост ё шикоят пешниҳод намояд.
Пас аз чунин дархост ё шикоят маъмурияти маҳаллии муассисаи ислоҳӣ онро беғаразона ва дар муҳлати оқилона баррасӣ намуда, дар сурати гумон ба нақзи ҳуқуқҳои шахси аз озодӣ маҳрумшуда тафтишот оғоз мекунад. Ҳар шахси аз озодӣ маҳрумшуда метавонад ба маъмурияти марказии муассисаҳои ислоҳӣ, инчунин ба мақомоти судӣ ё дигари салоҳиятдор дархост ё шикоят пешниҳод намояд. Барои пешниҳоди бехатару махфии шикоятҳо ва пешгирии таъқиб ё тарсонидан кафолату шароити муносиб мавҷуданд. Агар шахси аз озодӣ маҳрумшуда шикоятро худаш пешниҳод карда натавонад, онро мушовири ҳуқуқӣ, узви оила ё ҳар шахси дигари аз қазия огоҳ пешниҳод карда метавонад.

САВОЛҲО

- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда чӣ гуна метавонанд ба маъмурияти маҳаллии муассисаи ислоҳӣ (ба корманди муассиса, роҳбари муассиса…) дархост ё шикоят пешниҳод кунанд? Раванд ва тарзи баррасии онро аз ҷониби маъмурияти маҳаллӣ шарҳ диҳед (таъминоти моддӣ, махфият, муҳлати ҷавоб, тафтишот, беғаразӣ…).
- Дар давоми сол чанд дархост ё шикоят пешниҳод шуд ва чандтои онҳо боиси тафтишот аз ҷониби маъмурияти маҳаллии муассисаи ислоҳӣ гардид? Оё шумораи дархостҳо ё шикоятҳо ва тафтишот афзудааст ё коҳиш ёфтааст?
- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда чӣ гуна метавонанд ба маъмурияти марказии муассисаҳои ислоҳӣ, инчунин ба мақомоти судӣ ё дигар мақомоти салоҳиятдор дархост ё шикоят пешниҳод кунанд? Равандро шарҳ диҳед (таъминоти моддӣ, махфият, муҳлати ҷавоб, тафтишот, беғаразӣ…).
- Дар давоми сол чанд дархост ё шикоят пешниҳод шуд? Оё шумораи дархостҳо ё шикоятҳо афзудааст ё коҳиш ёфтааст?
- Оё мушовири ҳуқуқӣ, узви оила ё шахси дигаре, ки аз қазия огоҳ аст, метавонад аз номи шахси таҳти ҳабс қарордошта шикоят пешниҳод намояд?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то муроfиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

НИГОҲ ДОШТАНИ ФАЪОЛНОКӢ

Меҳнат

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*

Меҳнати маҷбурӣ*

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* ба меҳнати маҷбурӣ* ҷалб карда намешаванд, ки он чунин таъриф мешавад: *«Ҳар гуна кор ё хизмате, ки аз шахс таҳти таҳдиди ягон ҷазо талаб карда мешавад ва ӯ барои иҷрои он ихтиёран розигӣ надодааст; Кори вазнин (яъне зарароват); Коре, ки берун аз назорат ва назорати мақомоти давлатӣ иҷро карда мешавад; Ҳолате, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба ихтиёри шахсони хусусӣ, ширкатҳо ё шахсони ҳуқуқӣ дода ё вогузор карда мешаванд».*

«Меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ» ҳар гуна кор ё хизматеро, ки одатан дар асоси ҳукми суд талаб карда мешавад, ба шарте ки он таҳти назорати мақоми давлатӣ иҷро гардад, дар бар намегирад. Аз ин рӯ, ба шахсоне, ки то мурофиаи судӣ таҳти ҳабс қарор доранд*, имкони кор кардан дода мешавад, вале аз онҳо иҷрои кор талаб карда намешавад.

Дастрасӣ ба кор ва гуногунии он

Ба ҳамаи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* имкони кор кардан дода мешавад. Корҳои пешниҳодшаванда гуногун ва муносиб буда, барои таъини шахсон ба ҷойҳои холии корӣ расмиёти одилона ва шаффоф татбиқ карда мешаванд.

Музди меҳнат

Шахсони аз озодӣ маҳрумшудае, ки кор мекунанд, барои меҳнати худ музди муносиб ва одилона мегиранд. Онҳо метавонанд ҳадди ақал як қисми музди худро озодона истифода баранд, аз ҷумла барои харидани ашёи иҷозатдодашудаи истифодаи шахсӣ, инчунин метавонанд як қисми музди худро ба наздикони худ* фиристанд.

Шароити меҳнат

Ташкил ва усулҳои кор ба усулҳое монанданд, ки дар байни аҳолӣ маъмуланд. Қонунгузорӣ ё қоидаҳои маъмурӣ бо назардошти қоидаҳо ё урфу одатҳои маҳаллӣ нисбат ба коргарони кироя шумораи ҳадди ақал/ҳадди аксари соатҳои корӣ ҳаррӯза/ҳафтаинаро муқаррар мекунанд. Шахсони аз озодӣ маҳрумшудае, ки кор мекунанд, дар як ҳафта на камтар аз як рӯзи истироҳат доранд.

Меҳнат хусусияти истисморкунанда надорад ва набояд боиси оқибатҳои зарароварии ҷисмонӣ ё равонӣ гардад. Барои ҳифзи саломатӣ ва бехатарии шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ кор мекунанд, чораҳои эҳтиётӣ андешида мешаванд. Онҳо бо низоми таъминоти иҷтимоӣ (аз ҷумла суғурта аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ) фаро гирифта шуда, метавонанд ба ташкилотҳои иттифоқҳои касаба дохил шаванд ё бо онҳо тамос гиранд.

САВОЛҲО

- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда мутобиқи таърифи дар боло овардашудаи «меҳнати маҷбурӣ*» ба кор водор карда мешаванд? Агар ҳа, шарҳ диҳед, ки маҳз кадом шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба кор маҷбур карда мешаванд, кадом намуди корро иҷро мекунанд ва дар чӣ шароит кор мекунанд (вақти кор, бехатарӣ, музди меҳнат…). Нишон диҳед:

- Оё онҳо таҳти таҳдиди ягон ҷазо кор мекунанд?
- Оё онҳо ба ихтиёри шахсони хусусӣ, ширкатҳо ё шахсони ҳуқуқӣ дода ё вогузор карда мешаванд?
- Оё кор хусусияти вазнин (яъне зараровар) дорад?

- Оё ба ҳамаи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда имкони кор кардан дода мешавад? Агар не, нишон диҳед, ки ба кадом категорияҳои шахсон кор пешниҳод мешавад ва кӣ аз ин ҳуқуқ маҳрум аст.
- Раванди таъйин ба кор, аз ҷумла талабот, мақомоти масъули қабули қарор дар бораи таъйин ва шаффофияти ин қарорҳоро шарҳ диҳед.
- Намунаҳои намудҳои корҳои пешниҳодшавандаро биёред. Оё онҳо ба қадри кофӣ гуногунанд? Ба пешниҳодҳо барои занон диққати махсус диҳед. Оё онҳо ба ҳамон намудҳои коре, ки мардон доранд, дастрасӣ доранд ё пешниҳод зери таъсири ғаразнокии гендерӣ қарор дорад? Оё коре, ки ба занон пешниҳод мешавад, камтар музд дода мешавад?
- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшудаи коргар музди меҳнат мегиранд? Сатҳҳои гуногуни музди меҳнатро нишон диҳед. Оё онҳо бо назардошти кори иҷрошаванда одилона мебошанд?
- Оё шахсони коргар метавонанд як қисми музди худро барои харидани молҳои истифодаи шахсӣ сарф кунанд? Оё онҳо метавонанд як қисми музди худро ба наздикони худ* фиристанд?
- Оё сатҳи музди меҳнат ба сатҳи нархҳо дар мағозаҳои (буфетҳои) муассисаи ислоҳӣ мувофиқат мекунад?
- Соатҳои корӣ чӣ гунаанд ва оё онҳо ба урфу одатҳои маҳаллӣ мувофиқат мекунанд? Оё дар як ҳафта ҳадди ақал як рӯзи истироҳат дода мешавад? Оё ҳуҷраҳое, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар онҳо кор мекунанд, ба таври муносиб ҳавохурӣ (вентилятсия) мешаванд ва бо равшании табиӣ ва сунъӣ муҷаҳҳазанд? Оё тирезаҳо воридшавии ҳавои тозаро таъмин мекунанд ва оё равшании сунъӣ барои пешгирии бад шудани биноӣ ҳангоми кор кофӣ аст?
- Оё шароите, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар он кор мекунанд, ба бехатарӣ ё ҳифзи онҳо хатар эҷод мекунад? Оё меҳнат хусусияти истисморкунанда дорад ё боиси оқибатҳои зараровари ҷисмонӣ ё равонӣ мегардад?
- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшудае, ки дар муассиса кор мекунанд, бо низоми давлатӣ, ба монанди таъминоти иҷтимоӣ (аз ҷумла суғурта аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ), кумакпулӣ барои бекорӣ, таъминоти нафақа… фаро гирифта шудаанд? Оё онҳо метавонанд ба ташкилотҳои иттифоқҳои касаба муроҷиат кунанд ё ба онҳо дохил шаванд?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

Омӯзиш ва таълим

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*

Омӯзиши касбию техникӣ

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* (маҳкумшудагон), ки майли таҳсил доранд, ба омӯзиши касбӣ дастрасӣ доранд; ин омӯзиш аз ҷониби омӯзгорони дорои ихтисоси зарурӣ гузаронида шуда, тавассути ҳуҷҷатҳои (диплом/шаҳодатномаҳо) соҳиби аккредитатсияи расмӣ эътироф мегардад. Барномаҳои омӯзишӣ ба қадри кофӣ гуногунанд, то эҳтиёҷоти воқеии шахсони аз озодӣ маҳрумшударо қонеъ созанд.

Таҳсилот

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, ки майли таҳсил доранд, ба таҳсилоте дастрасӣ доранд, ки аз ҷониби омӯзгорони дорои ихтисоси зарурӣ тавассути барномаҳои ба низоми маорифи кишвар ҳамгирошуда ва расман эътирофгардида гузаронида мешавад. Барномаҳои таълимӣ муносиб ва инфиродӣ мебошанд. Ба шахсони бесавод, дигарзабон ва афроди синни ҳатмии таҳсили мактабӣ таҳсилоти ба эҳтиёҷоти онҳо мувофиқаткунанда пешниҳод мегардад.

САВОЛҲО

- Барномаҳои гуногуни ташкилшудаи **омӯзиши касбию техникӣ ва таҳсилотро** омӯзед. Нишон диҳед:
  - Кӣ онҳоро мегузаронад (омӯзгорони соҳибихтисос, ихтиёриёни ассотсиатсияҳо…)? Онҳо кадом тахассусҳои аккредитатсияшуда доранд?
  - Давомнокии барномаҳо чӣ қадар аст?
  - Пешниҳод то чӣ андоза гуногун аст (ба пешниҳод барои занон диққати махсус диҳед. Оё ғаразнокии гендерӣ мушоҳида мешавад?);
  - Дастрасӣ чӣ гуна ташкил шудааст ва оё маҳдудиятҳо мавҷуданд? (талабот, интихоб...);
  - Оё барномаҳо ройгон пешниҳод карда мешаванд?;
  - Шароити моддию маишӣ чӣ гуна аст (ҳуҷраҳои махсус, таҷҳизот ва маводи кофӣ…).

  - Барои барномаҳои таълимӣ нишон диҳед, ки оё онҳо ба низоми миллии маориф ҳамгиро шудаанд ва аз ҷумла, ба ниёзҳои шахсони бесавод, шаҳрвандони дигарзабон ё шахсони синни таҳсилоти ҳатмии мактабӣ мутобиқ карда шудаанд ё на.

- Оё ҳам барои омӯзиши касбию техникӣ ва ҳам барои таҳсилот пешниҳод бо назардошти шумораи шахсони хоҳишманди таҳсил кофӣ аст?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то муроfиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).
-

ФАЪОЛИЯТИ ФАРҲАНГӢ, ВАРЗИШӢ ВА МАЪНАВӢ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*

Як соат дар ҳавои тоза

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* ҳар рӯз на камтар аз як соатро дар ҳавои тоза бо машқҳои ҷисмонии муносиб мегузаронанд. Ҳавлиҳои сайругашт дар ҳавои тоза ба қадри кофӣ васеъ буда, аз ҳавои номусоид паноҳгоҳ доранд.

Китобхона

Китобхона ҳам бо адабиёти бадеӣ ва ҳам бо адабиёти таълимӣ ба таври муносиб таъмин карда мешавад. Китобхона ва фонди он ба осонӣ дастрас мебошанд (*дастрасии китобҳо*).

Фаъолияти фароғатӣ ва фарҳангӣ

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонанд мунтазам дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатие, ки маъмурият ташкил мекунад, иштирок намоянд. Барномаи гуногун ва муносиби чорабиниҳо пешниҳод карда мешавад.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонанд дар чорабиниҳои муносиби тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, ки маъмурияти муассисаи ислоҳӣ мунтазам ташкил мекунад, иштирок намоянд. Ҳуҷраҳо, иншоот ва таҷҳизоти муносиб дар ҳолати коршоям фароҳам оварда мешаванд.

Эътиқодҳои динӣ ва маънавӣ

Эътиқодҳои динӣ ва меъёрҳои ахлоқии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда эҳтиром карда мешаванд. Ҳ ар шахси аз озодӣ маҳрумшуда *, ки хоҳиши онро дорад, ҳуқуқ дорад бо намояндаи дини худ робита намояд ва дар камераи худ ашёи таъиноти динӣ, ба монанди китобҳои маросимҳои динӣ ва таълимоти мазҳаби худро нигоҳ дорад. Дар муассиса ҳуҷраи намозгузорӣ мавҷуд аст, ки барои ҳамаи маҳкумшудаон дастрас мебошад. Агар дар муассиса шумораи зиёди пайравони як дин нигоҳ дошта шаванд, намояндаи соҳибихтисоси он дин таъйин гардида, маросимҳои динӣ ташкил карда мешаванд.

САВОЛҲО

- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар як рӯз чанд соатро дар ҳавои тоза мегузаронанд?
- Фазоеро, ки онҳо дар он ба ҳавои тоза дастрасӣ доранд, шарҳ диҳед. Оё манзараи осмон аз панҷараҳо/тӯрҳо озод аст? Оё он васеъ аст ва аз ҳавои номусоид паноҳгоҳ дорад?
- Китобхонаро шарҳ диҳед (ҳуҷраи алоҳида ё рафҳо дар минтақаи умумӣ, соатҳои корӣ, намудҳои китобҳо, шахсони масъул…).
- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда чӣ гуна метавонанд ба китобхона дастрасӣ пайдо кунанд? Оё онҳо метавонанд китоб гиранд ва тартиби он чӣ гуна аст? Барои онҳое, ки ҷисман ба китобхона омада наметавонанд, оё имкони фосилавӣ гирифтани китоб вуҷуд дорад?
- Китобҳо ба кадом забонҳо дастрасанд? Оё онҳо ба забонҳое, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, аз ҷумла шахсони забонҳои давлатиро намедониста, бо онҳо суҳбат мекунанд, мувофиқат мекунанд?
- Оё китобхона барои шахсони дорои маъюбият низ муҷаҳҳаз аст (китобҳо бо ҳуруфи Брайл, китобҳои аудиоӣ…)?

- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).
- Чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ва фароғатии ташкилшударо номбар кунед. Оё онҳоро маъмурияти муассиса ташкил мекунад ё онҳо аз саҳмҳои ихтиёрии ташкилотҳои маҳаллӣ ё миллӣ вобастаанд? Нишон диҳед:
  - Мунтазамии онҳо;
  - Гуногунии пешниҳод (ба пешниҳод барои занон диққати махсус диҳед. Оё ғаразнокии гендерӣ мушоҳида мешавад?);
  - Тартиби дастрасӣ ва маҳдудиятҳо (талабот, интихоб..);
  - Оё онҳо ройгон мебошанд;
  - Шароити моддию маишӣ чӣ гуна аст (ҳуҷраҳои махсус, таҷҳизот ва мавод…).

- Чорабиниҳои гуногуни ташкилшудаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиширо бо ҳамон саволҳое, ки дар боло барои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ оварда шудаанд, номбар кунед. Оё пешниҳод бо назардошти шумораи шахсони хоҳишманди иштирок дар ин чорабиниҳо кофӣ аст?
- Дар байни шахсони аз озодӣ маҳрумшуда кадом эътиқодҳои динӣ ва маънавӣ бештар паҳн шудаанд? Оё дар муассиса намояндаи соҳибихтисоси ин эътиқодҳо ҳузур дорад? Бо кадом даврият?
- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонанд дар камера ашёи таъйиноти динӣ ё маънавиро нигоҳ доранд?
- Оё дар муассиса ҳуҷраи намозгузорие мавҷуд аст, ки барои ҳамаи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дастрас бошад? Ҳуҷраро шарҳ диҳед. Оё он барои риояи дини муайян ё амалияи маънавӣ самтгирӣ ва оро дода шудааст?
- Агар ҳуҷраи намозгузорӣ вуҷуд надошта бошад ё он барои дин ё амалияи маънавии муайян пешбинӣ шуда бошад, шахсони дигар дар куҷо ибодат мекунанд?
- Оё барои онҳо шароити вобаста ба маросимҳои динӣ ва маънавӣ фароҳам оварда мешавад (ғизои махсус, риояи идҳо ё анъанаҳои динӣ…)?
- Агар ин корро барои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба таври махфӣ ва бехатар анҷом додан имконпазир бошад, бо онҳо суҳбат кунед. Оё онҳо худро дар риоя ва амалияи дин ё маънавияти интихобкардаи худ озод ҳис мекунанд?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

ДАР РОБИТА БУДАН

РОБИТА БО НАЗДИКОН

Мукотибаи хаттӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*

Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* бо лавозимоти зарурии хатнависӣ (қалам, коғаз, тамғаи почта) таъмин карда мешаванд ва/ё ба онҳо воситаҳои электронии алоқа (телефон, компютер, планшет) дода мешаванд. Онҳо метавонанд бо ҳар шумораи шахсони интихобкардаи худ зуд-зуд мукотиба намоянд. Ҳуқуқ ба мукотибаи хаттӣ бо чораҳои ғайриқонунии назорат ё ҷазоҳои ғайриқонунии интизомӣ маҳдуд карда намешавад. Воситаҳои робита бо наздикон* танҳо барои муҳлати маҳдуд ва танҳо ба андозае маҳдуд карда мешаванд, ки барои нигоҳ доштани амният ва тартибот дар ҳар ҳолати мушаххас зарур бошад.

- Оё ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда барои мукотибаи хаттӣ бо наздикони худ* воситаҳо дода мешаванд? Лавозимоти пешниҳодшавандаро шарҳ диҳед (намуд, миқдор, даврияти пешниҳод).
- Агар не, шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ин лавозимотро чӣ гуна ва бо кадом нарх дастрас карда метавонанд? Вазъи молиявии шахсони аз озодӣ маҳрумшударо ба назар гиред: оё онҳо имкони харидани онро доранд?
- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба кӣ метавонанд мактуб нависанд? Агар рӯйхати пешакӣ муайяншудаи шахсони тамос бояд аз ҷониби маъмурият тасдиқ гардад, ин равандро шарҳ диҳед (шумораи иҷозатдодашудаи шахсони тамос, талабот барои тасдиқи онҳо, таъхир дар тасдиқ ё навсозии рӯйхат…).
- Оё шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд бо наздикони худ* дар кишвари асл мукотибаи хаттӣ намоянд ва бо кадом шартҳо (даврият, забон, арзиш, таъхирҳо…)?
- Оё ҳуқуқ ба мукотибаи хаттӣ бо наздикон* ба маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ дучор мешавад? (ҷазоҳои ғайриқонунии интизомӣ, сензураи аз ҳад зиёд, назорат/хондани мунтазам ё боздоштани мактубҳо ё муросилоти почта…).
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

Зангҳои телефонӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо ***(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*** Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* бо воситаҳои муносиб барои зангҳои телефонӣ ба наздикони худ* таъмин карда мешаванд. Онҳо метавонанд бо ҳар шумораи шахсони интихобкардаи худ зуд-зуд суҳбат кунанд. Ҳуқуқ ба суҳбатҳои телефонӣ бо наздикон* набояд ғайриқонунӣ маҳдуд карда шавад (амалияе, ки дар қоидаҳои интизомӣ пешбинӣ нашудааст, давомнокии зиёда аз чанд рӯз ва ғайра). Ҳуқуқ ба суҳбатҳои телефонӣ бо наздикон* бо чораҳои ғайриқонунии назорат ё ҷазоҳои ғайриқонунии интизомӣ маҳдуд карда намешавад. Воситаҳои робита бо наздикон* танҳо барои муҳлати маҳдуд ва танҳо ба андозае маҳдуд карда мешаванд, ки барои нигоҳ доштани амният ва тартибот дар ҳар ҳолати мушаххас зарур бошад.

САВОЛҲО

- Оё ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда барои зангҳои телефонӣ ба наздикони худ* воситаҳо дода мешаванд?
- Оё шумораи дастгоҳҳои телефонӣ бо назардошти шумораи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда кофӣ аст? Оё онҳо бояд вақти суҳбатро пардохт кунанд ва арзиши он чӣ қадар аст? Вазъи молиявии шахсони аз озодӣ маҳрумшударо ба назар гиред: оё онҳо имкони пардохти онро доранд?
- Оё вақти суҳбатҳои телефонии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар як ҳафта маҳдуд аст? Агар ҳа, маҳдудиятҳоро нишон диҳед.
- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба кӣ метавонанд занг зананд? Агар рӯйхати пешакӣ муайяншудаи шахсони тамос бояд аз ҷониби маъмурият тасдиқ гардад, ин равандро шарҳ диҳед (шумораи иҷозатдодашудаи шахсони тамос, талабот барои тасдиқи онҳо, таъхир дар тасдиқ ё навсозии рӯйхат…).
- Оё шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд ба наздикони худ* дар кишварҳои аслии худ занг зананд ва бо кадом шартҳо? (даврият, забон, арзиш, таъхирҳо…).
- Оё ҳуқуқ ба суҳбатҳои телефонӣ бо наздикон* ба маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ дучор мешавад (ҷазоҳои ғайриқонунии интизомӣ, сензураи аз ҳад зиёд, назорат/гӯшкунии мунтазам, қатъ кардани зангҳо…)?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то муроfиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

Боздидҳо / мулоқотҳо

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* бо наздикони худ* дар шароити шоиста мулоқот мекунанд (набудани расмиёти таҳқиромези кофтукови боздидкунандагон, эҳтироми дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, ҳуҷраҳои тоза ва муносиб). Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бояд дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодии наздик ба манзил ё маҳалли тавонбахшии иҷтимоии худ ҷойгир карда шаванд. Барои шахсоне, ки дар ҷойҳои дур аз манзилашон нигоҳ дошта мешаванд, шароити махсус пешниҳод мегардад. Ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда иҷозат дода мешавад, ки бо ҳамаи наздикони худ* зуд-зуд мулоқот кунанд. Ҳуқуқ ба мулоқот бо чораҳои ғайриқонунии назорат (монеаҳои аз ҳад зиёд, гӯш кардани суҳбатҳо аз ҷониби кормандони муассиса…) ё ҷазоҳои ғайриқонунии интизомӣ маҳдуд карда намешавад. Воситаҳои робита бо наздикон* танҳо барои муҳлати маҳдуд ва танҳо ба андозае маҳдуд карда мешаванд, ки барои нигоҳ доштани амният ва тартибот дар ҳар ҳолати мушаххас зарур бошад.

САВОЛҲО

- Ҳуқуқҳои гуногун ба боздидро (мулоқот) омӯзед:
  - Давомнокӣ ва маҳдудиятҳои вақт (барои як боздид, дар як рӯз/ҳафта/моҳ);
  - Дарияти боздидҳо;
  - Наздиконе*, ки ҳуқуқи боздид доранд (нишон диҳед, ки оё боздиди ягон шахси мушаххас манъ шудааст);
  - Тартиб барои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда (эълом намудани шахсони тамос…);
  - Тартиб барои боздидкунандагон (санҷиши ҳуҷҷатҳо, тасдиқи робитаи оилавӣ, сабти пешакӣ барои қабул…).

Агар ин ҳуқуқҳо вобаста ба категорияҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ё низоми нигоҳдорӣ фарқ кунанд, инро нишон диҳед.

- Оё боздидҳо дар ҳуҷраҳои махсус ҷудошуда мегузаранд? Онҳоро шарҳ диҳед. Оё боздидҳо дар доираи дид ё шунавоии кормандони муассиса мегузаранд? Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҳангоми боздид аз наздикони худ* бо монеа ҷудо карда мешаванд? (девораи шишагӣ, панҷараҳои оҳанин…).
- Оё барои гирифтани боздид аз ҷониби шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ягон монеа вуҷуд дорад? (ҷазоҳои ғайриқонунии интизомӣ, назорат ё монеаҳои аз ҳад зиёд, талаботи аз ҳад зиёд ё таъхир дар гирифтани иҷозат барои боздид…).
- Оё ҳангоми боздиди шахсони аз озодӣ маҳрумшуда барои наздикон* ягон монеа вуҷуд дорад (расмиёти таҳқиромези кофтуков дар даромадгоҳ, аз ҷумла кофтукови ғайриқонунӣ ё таҳқир, маҳдудиятҳои аз ҳад зиёд нисбат ба либос ё бо сабабҳои дигар, талаботи аз ҳад зиёд ё таъхир дар гирифтани иҷозат барои боздид…)?
- Оё барои шахсони аз озодӣ маҳрумшудае, ки дур аз манзили худ нигоҳ дошта мешаванд, барои ташкили боздидҳо шароити махсус фароҳам оварда мешавад?
- Оё ба мулоқотҳо бо ҳамсар (дарозмуддат) иҷозат дода мешаванд? Агар ҳа, талаботи дастрасӣ ба онҳо ва шароити гузаронидани онҳоро шарҳ диҳед.
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони

ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

Хуруҷҳои кӯтоҳмуддат / рухсатӣ

Шарҳи мухтасари стандартҳо ***(барои истиноди пурра ба замима нигаред)***
Дар сурати бемории вазнин ё марги хешованди наздик ё шахси дигари муҳим маъмурияти муассисаи ислоҳӣ маҳкумшудагонро* огоҳ намуда, бо сабабҳои узрноки оилавӣ ба онҳо иҷозати хуруҷи кӯтоҳмуддат медиҳад. Ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда инчунин метавон мунтазам танҳо барои боздиди наздикони худ* иҷозатҳои хуруҷи кӯтоҳмуддат дода шаванд. Ба онҳо иҷозат дода мешавад, ки ҳангоми хуруҷ либоси шахсии худ ё дигар либоси назарногирро* пӯшанд. Ҳуқуқ ба хуруҷи кӯтоҳмуддат бо чораҳои ғайриқонунии назорат (радди беасос дар ҳолати сабабҳои узрноки оилавӣ, радди мунтазами беасос) ё ҷазоҳои ғайриқонунии интизомӣ маҳдуд карда намешавад. Воситаҳои робита бо наздикон* танҳо барои муҳлати маҳдуд ва танҳо ба андозае маҳдуд карда мешаванд, ки барои нигоҳ доштани амният ва тартибот дар ҳар ҳолати мушаххас зарур бошад.

САВОЛҲО

- Оё дар ҳолатҳои сабабҳои узрноки оилавӣ, ба монанди бемории вазнин ё маросими дафн, ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда иҷозати хуруҷи кӯтоҳмуддат дода мешавад? Оё ба онҳо мунтазам танҳо барои боздиди наздикони худ* иҷозати хуруҷи кӯтоҳмуддат дода мешавад?
- Барои ҳар ду ҳолат нишон диҳед, ки оё талаботи махсус мавҷуд аст (тасдиқи робитаи оилавӣ, низомҳои амниятӣ…). Тартиби пешниҳоди дархост барои хуруҷ, давомнокӣ ва шароити онро шарҳ диҳед. Оё гирифтани он осон аст?
- Оё барои шахсоне, ки муҳлати кӯтоҳи ҷазоро адо мекунанд ё ба озодшавӣ наздиканд, барои дастрасӣ ба чунин хуруҷҳои кӯтоҳмуддат шароити махсус вуҷуд дорад?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то мурофиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

Кӯдакони* модари аз озодӣ маҳрумшуда[5]

[5] Дар стандартҳои марбут ба кӯдакони* волидони маҳкумшуда маҳз «модарон» дар назар дошта шудаанд. Аммо як қатор кишварҳо ҳуқуқи ҳамроҳи кӯдак дар ҳабс қарор доштанро ба ҳамаи волидон, новобаста аз ҷинси онҳо, татбиқ кардаанд.

Шарҳи мухтасари стандартҳо *(барои истиноди пурра ба замима нигаред)*
Модарони кӯдакони хурдсол* бояд имкони гирифтани боздоштани асосноки иҷрои ҷазо/нигоҳдорӣ таҳти ҳабсро дошта бошанд. Вақте ки кӯдакон* ҳамроҳи модар дар ҷойи маҳрум сохтан аз озодӣ қарор доранд, ҳар ду дар шуъбаҳои махсус бо шароити мувофиқ ҷойгир карда мешаванд, ки муҳити барои кӯдак то ҳадди имкон муқаррариро таъмин менамояд. Модароне, ки дар муассиса бо кӯдакони худ* қарор доранд, метавонанд қисми зиёди вақти худро бо онҳо гузаронанд. Чораҳо барои таъмин намудани муассисаҳои томактабии дохилӣ ё берунӣ, ки бо кормандони соҳибихтисос таъминанд ва дар онҳо кӯдакон* дар вақти таҳти парастории волидайн қарор надоштанашон ҷойгир карда мешаванд, андешида мешаванд. Кӯдакон* дар муассиса дар натиҷаи ҷазои интизомӣ аз модари худ ҷудо карда намешаванд ва ба онҳо ҳеҷ гоҳ ҳамчун маҳкумшуда* муносибат карда намешавад.

САВОЛҲО

- Оё барои волиди кӯдакони хурдсол* муқаррарот дар бораи мавқуф гузоштан ё ба таъхир андохтани нигоҳдошт дар ҳабс вуҷуд дорад? Агар ҳа, меъёрҳои қобили қабул будан ва тартиби кори ин механизмро шарҳ диҳед.
- Оё кӯдакон* дар муассиса ҳамроҳи волидайни худ қарор доранд? Агар ҳа, шуъбаеро, ки онҳо дар он ҷойгир шудаанд, ва нигоҳубини махсусеро, ки мегиранд (муассисаҳои кӯдаконаи дохилӣ ё беруна), шарҳ диҳед.
- Оё ҳам ба мардон ва ҳам ба занон ҳуқуқ дода мешавад, ки ҳамроҳи кӯдакони хурдсоли худ* таҳти ҳабс нигоҳ дошта шаванд?
- Оё волидоне, ки дар муассиса бо кӯдакони худ* қарор доранд, метавонанд дар натиҷаи ҷазои интизомӣ аз онҳо ҷудо карда шаванд?
- Ба кӯдакон* то кадом синну сол иҷозат дода мешавад, ки ҳамроҳи волидайни таҳти ҳабс қарордошта нигоҳ дошта шаванд? Кӣ қарор қабул мекунад, ки кӯдак кай аз волидайн ҷудо ва аз муассиса бароварда шавад? Оё ин қарор ба арзёбии инфиродӣ асос ёфта, ба манфиатҳои беҳтарини кӯдак ва қонунгузории дахлдори миллӣ мувофиқ аст?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то муроfиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).

РОБИТА БО ҶОМЕА

Шарҳи мухтасари стандартҳо ***(барои истиноди пурра ба замима нигаред)***
Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда* ба иттилоот ва воситаҳои гуногуни ахбори омма (рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, телевизион, радио…) дастрасӣ доранд. Ин воситаҳои ахбори омма иттилооти навтаринро пешниҳод мекунанд. Шахсони аз озодӣ маҳрумшудае, ки ҳуқуқи овоздиҳиро нигоҳ доштаанд, метавонанд дар ҳамаи интихобот овоз диҳанд. Барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ шароит фароҳам оварда мешавад.

САВОЛҲО

- Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда чӣ гуна метавонанд ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма дастрасӣ пайдо кунанд? Нишон диҳед:
  - Кадом намудҳои воситаҳо (телевизион, рӯзномаҳо…) дастрасанд;
  - Воситаҳо дар куҷо ҷойгиранд (телевизор дар камера ё минтақаҳои умумӣ, рӯзномаҳо дар китобхона…);
  - Манбаъҳо то чӣ андоза гуногунанд (воситаҳои ахбори оммае, ки мавзӯъҳо, ақидаҳо ва минтақаҳои гуногунро инъикос мекунанд…);
  - Раванди дастрасӣ чӣ гуна аст (муроҷиат ба кормандони муассиса, низоми додани мавод аз ҷониби масъули китобхона…);
  - Хароҷот чӣ қадар аст (агар татбиқшаванда бошад, вазъи молиявии шахсони аз озодӣ маҳрумшударо ба назар гиред: оё онҳо имкони пардохти онро доранд?).

- Оё шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҳуқуқи овоздиҳии худро нигоҳ медоранд? Агар ҳа, талабот барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ чӣ гуна аст? (ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият, маълумотнома дар бораи бақайдгирӣ/ҷойи истиқомат…).
- Барои иштироки онҳо дар интихобот кадом воситаҳо фароҳам оварда шудаанд (овоздиҳӣ дар дохили муассиса, овоздиҳӣ тавассути ваколатнома, тавассути почта ё ҳангоми хуруҷ…)?
- Оё ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дастрасӣ ба шабакаи Интернет иҷозат дода мешавад? Агар ҳа, талабот чӣ гуна аст ва онҳо бо кадом шартҳо ба он дастрасӣ пайдо мекунанд?
- Оё нисбат ба ягон категорияи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар масъалаҳои дар боло зикршуда табъиз ё муносибати нобаробар раво дида мешавад? (занон, шахсоне, ки таҳти низоми сахттар ё дар шароити ҷудогона нигоҳ дошта мешаванд*, шахсони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ ё динӣ, шахсони ЛГБТКИА+, кӯдакон* ё ҷавонон, шахсоне, ки то муроfиаи судӣ аз озодӣ маҳрум шудаанд*, инчунин дигар гурӯҳҳои дахлдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда).